# ЗАБОНИ МИЛЛАТ – ҲАСТИИ МИЛЛАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 15-16 (115-116) 9-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2019, ЧОРШАНБЕ

## ДАР ИН ШУМОРА:

**СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ДАР ФАКУЛТЕТ** с. 2

**ОМӮЗГОР – ПОСДОРИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ** с. 3

**МАРОМИ МО – БУНЁДИ ҶОМЕАИ АДОЛАТПАРВАР** с. 4

**САРВАРИ ИСТИҚЛОЛСОЗ** с. 5

**ЗАБОНИ ТОҶИКИРО ПАҲН МЕБОЯД КАРД!** с. 6

**МАКТАБИ ИЛМИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ** с. 8-9

**АНДЕШАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ОСОРИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ** с. 13

**РОҒУН ШАРАФ АСТ, ҲАДАФ АСТ...** с. 14



Забони модарии мо — забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ, ки донишу маърифати дар тӯли ҳазорсолаҳо андӯхтаи мардумро дар худ нигоҳ доштааст, гӯётарин далели ҳастӣ ва мақоми ҳаётбахши он дар сарнавишти таърихии миллати мо ба ҳисоб меравад.

Қарзи фарзандӣ ва рисолати инсонии мост, ки забони модариамон, яъне ин забони ширину шоиронаро баробари модари худ азиз шуморем, дӯст дорем, онро мисли модар, ки моро ба дунё оварда, меҳри забонро бо шири поку ҷонбахш ва муҳаббати онро бо аллаи гӯшнавозаш дар ҷисму ҷони мо ҷой кардааст, эҳтирому эҳтиёт кунем ва мисли гаронбаҳотарин сарвати умрамон ҳамеша гиромӣ дорем.

Омӯзгори дилсӯзу бомаърифат ва ба тарбияи инсон содиқ чароғи маърифат ва боигарии миллат аст.

Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад.

Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст, ба дигарон таълим медиҳад.

Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ чунин хоҳанд монд.

Эмомалӣ РАҲМОН

# ОМӮЗГОР – ПОСДОРИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ



Бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ ва Рӯзи омӯзгорон дар ДМТ ҷамъомади бошукӯҳи тантанавӣ баргузор гардид. Чорабинии фарҳангию фароғатӣ таҳти унвони "Омӯзгор – посдори забони давлатӣ" баргузор гардид, ки дар он намояндагони ВКД, устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Сухани ифтитоҳиро Ректори донишгоҳ, академик Имомзода М.С. оғоз бахшида, зикр намуданд, ки "рисолати таълиму тарбия, ки бар дӯши омӯзгор аст, дар ҳама давру замон бузургтарин ифтихор ва сангинтарин масъулият будааст ва дар асри кунунӣ арзиши бештар касб намудааст". Дар идомаи суханронӣ қайд намуданд, ки дар арафаи таҷлили Рӯзи омӯзгорон шурӯъ аз 5 октябри соли 2019 музди меҳнати ҳайати устодону кормандони донишгоҳ 15% зиёд карда шуд.

Хотиррасон менамоем, ки дар таҷлили Рӯзи забони давлатӣ ва Рӯзи омӯзгор устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолона иштирок намуданд. Дар ин чорабинӣ Саидов Хуснуддин Миршакарович – ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ барои хизматҳои бисёрсолаи бенуксон дар соҳаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми арзанда дар тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд.

Таҳияи
**Миралӣ СОБИРОВ**

---

# БАЛАНД АСТ АЗ ФАЛАК ШОНИ МУАЛЛИМ...



**Фарзона АСОЗОДА**
**донишҷӯи соли 4**

**Парвариш кардани як ниҳол, нигоҳу бини пайвастаи он аз бутаҳои бегона, мудом тоза кардан, ишқу муҳаббат варзидан ба он, баояндаи он умед бастану бо умед нигаристан, бо вуҷуди он ки ҳанӯз аз дили хок чизе аз он сар назадааст, то боиси дилгармӣ ба оянда бошад, онро ба дарахти азиму бузурге табдил додан ва аз шавқи ин амали накӯ бо эҳсоси хушнудӣ дар худ зистан, бо ин бовар, ки самараи дасти ту ба ояндагон низ манфиатовар ва судбахш аст. Ҳамин аст, шарҳи зиндагии як боғбон, ки бағоят бо шарҳи ҳол, рисолати омӯзгор, муаллим дар зиндагӣ монанд аст.**

Муаллим рисолат ва масъулияти бузургтареро бар дӯш дорад. Зеро, агар боғбон бо заҳматҳои шабонарӯзӣ боиси рустану ворастани ниҳолу дарахтон гардад, муаллим бо бедорхобиҳои шабонарӯзи тарбиятгар ва созандаи инсон – бузургтарин офаридаи Худованд дар рӯйи замин аст. Маҳз муаллим аст, ки дар сафҳаи тозаи замири ҳар кӯдак нахустин ҳарфҳои шахсиятсозу зиндагиофар менависад ва таҳкурсии устуворе барои бинои шахсияти фард мегузорад. Ҳамин аст, ки муаллими аввал дар зеҳну хотири инсон нақши абадӣ мегузорад ва ҷовидона боқӣ мемонад. Барои таъкиди суханони мазкур кофист, ки ҳикояи шарҳиҳолӣ аз Наср Ибни Аҳмади Сомониро ба ёд орем. Муаллим дар қиёс бо намояндагони дигари касбҳои мухталиф донишу малакаҳои дар тӯли ҳаёт омӯхтаи худро батамом ба шогирдон меомӯзонад ва дар ин баробар мақсади асосии ӯ равшан кардани роҳи зиндагии онҳо ва аз хатоҳо огоҳ кардани эшон аст, то шогирдонаш ба камоли инсонӣ, ки ин амр бузургтарин рисолати як инсон аст, бирасанд. Оё аз ин дида касби пуршарафтаре ҳаст?! Ба гумонам, ҳаргиз!

Омӯзгор, мураббӣ, муаллим, инчунин, ҳайкалтароши моҳиреро мемонад, ки аз як пораи гил шоҳкориҳои зебо меофарад. Аммо боз ҳам бузургтарин шоҳкорӣ бо дастони муаллим сохта мешавад, ки беназир аст.

Шогирдон на танҳо аз устоди худ илму дониш мегиранд, дарси одаму одамгарӣ меомӯзанд, балки дар симои устоди худ намунаи инсони комилро дида, дар зиндагии худ ба ӯ пайравӣ мекунанд, ки ин низ масъулияти гаронест бар дӯши муаллим. Ҳамин амрро дарк карда шайхи Шероз – Саъдии бузургвор чунин гуфтааст:

**Ҳаққи устод аз падар беш аст,**
**В-аз падар устод дар пеш аст.**

## 3-ИН РӮ БУЗУРГ ҲАСТӢ МИСЛИ ПАДАР, МУАЛЛИМ….

Ҳунар, маҳорат, малака, дониши омӯзонидаи устод агар аз як тараф комилкунандаи паҳлуи иқтисодии зиндагии шогирдон гардад, аз ҷониби дигар ғанигардонандаи ҷаҳони маънавии эшон аст, ки ин аз муваффақиятҳо ва арзишҳои авvalidиндарачаи зиндагии инсон аст. Зеро набояд фақат дар бораи муваффақияти беруна андешид, балки барои расидан ба муваффақияти даруна низ бояд талош варзид, ки ин амал бо кӯмаки устод дастрас аст.

Ин нозукиро ба таври амиқ дарк карда, ҳанӯз аз давраҳои қадим шоҳону ашрофзодагон, падарону модарон кӯшиш мекарданд, ки на танҳо барои фарзандони худ устодонеро таъин кунанд, балки ба ин амр мусоидат мекарданд, ки фарзандони онҳо тӯли чандин сол бо устоди худ як ҷо зиндагӣ кунанд. Зеро онҳо боварӣ доштанд, ки ҳалли мушкилиҳои рӯзмарра бо устод натиҷаи дигар дода, ба камолоти маънавии фарзанди онҳо мусоидат мекунад. Ҳамин аст, ки амирону кабирон барои худ устоде, пири хирадмандеро барои роҳнамой гирифта, пайваста аз маслиҳату машварати онҳо дар ҷамъи кору давлатдориашон пайравӣ менамуданд, зеро онҳо дарк карда буданд, ки сарвату лашкар, қасру дороии онҳо дар муқоиса бо маслиҳату машварати судманди устод арзише надорад. Яке аз чунин шахсиятҳои таърихӣ, ки нисфи дунёро ба тасхири худ даровардa буд, сарлашкари бузург, Искандари Мақдунӣ аст, ки пайваста дунболагири маслиҳатҳои устоди худ – Арасту ва пойбанди гуфтаҳои ӯ буд. Маҳз ҳамин вижагӣ боиси пирӯзиҳои бешумори ӯ дар зиндагӣ гардид. Ба ҳамин маъно ишорат карда шоири тавонманд чунин гуфтааст:

**Бе пир марав, ки дар бимонӣ,**
**Ҳарчанд Сикандари замонӣ.**

Ҳама он заҳматҳои устод дар назарҳо айён ва дар якчанд сафҳа ноғунҷиданист. Танҳо шогирдонро мебояд бузургии эшонро бо чашми дил бишносанд ва арҷгузорӣ намоянд. Ман низ меҳоҳам бо илҳомгирӣ аз шеваи накуи зиндагии устодони худ, роҳи мушкил, пурпечутоб, аммо шарафманди омӯзгориро пеша намуда, дар сохтаниояндаи дурахшони Ватан бо тарбияи аз насли накуву сазовор саҳм гузорам.

Меҳоҳам бо истифода аз рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» аз номи тамоми донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар шахсияти устодони азизу арҷманди худ, тамоми устодони кишварро бо рӯзи фархундаи омӯзгор табрик намуда, ба онҳо дар адои касби пуршарафи омӯзгорӣ ва дар тарбияи насли башар муваффақиятҳо таманно кунам.

**ИДАТОН МУБОРАК УСТОДОНИ АРҶМАНД – СОЗАНДАГОНИ ДУРАХШОНИ ФАРДОИ ВАТАН**

## МУАЛЛИМ

**Муаллим ҳадяи Яздони пок аст,**
**Муаллим гавҳаре дар рӯи об аст.**
**Муаллим ҳаст аз дӯстони Эзид,**
**Муаллим равзаи сидқу сафо аст.**

**Муаллим хидмати халқро адо кард,**
**Муаллим ҳиммати худро фидо кард.**
**Муаллим роҳ бар шогирд биомӯхт,**
**Муаллим илмро воломақом кард.**

**Манижаи БАҲОДУР**
**донишҷӯи соли 1**

# МАРОМИ МО – БУНЁДИ ҶОМЕАИ АДОЛАТПАРВАР





Азимҷон ҶУРАЕВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ

## АДОЛАТ ҶУСТУҶӮИ ҲАҚИҚАТ ВА РАСОНИДАНИ ҲАҚ БА ҲАҚДОР АСТ

Таърих борҳо собит намудааст, ки бақои ҳама гуна давлату давлатдорӣ ва низомҳои ҳуқуқӣ бо падидаи адолат пайванди ногусастанӣ доштааст. Ҷое, ки адолат эҳсос нагардад интизорӣ аз амнияту ваҳдат беҳуда аст. Адолат ба мисли чароғест, ки равшанӣ медиҳад. Дар сурати хомӯш шудани он баромадан аз зулмоти зулму ситам, ёфтани роҳи дуруст ва ҷамъиятро ба сомон расонидан ғайриимкон аст. Воқеан ҳам, адолат нигаҳдоранда ва асоси мулк аст. Башарият аз ибтидо дар орзуи ҷомеаву замоне ҳастанд, ки дар он зулм, табъиз ва беадолатӣ набошаду зиндагии мардуми мазлуму дардманд ва ранҷида пешрафт кунаду ба дардҳои башар, ки ношӣ аз ҷабру ҷафо, бедодӣ ва беадолатиҳо ҳастанд бо доруи шифобахши адолат ва мусовот марҳам ниҳодаву илтиҳом бахшад.

Давлату ҷамъияте, ки бо принсипи адолат идора мешавад, бисёр арзишманд мебошад. Чунки дар ҷое, ки адолат нест, ҷомеаи ашрору золимон рафъат меёбад ва ахёру андешамандон ба зиллат кашида мешаванд.

## АДОЛАТ НИГАҲДОРАНДА ВА АСОСИ МУЛК АСТ

Адолат решаи хешро аз истилоҳи арабии адл гирифта, дар Фарҳанги забони тоҷикӣ ба маъноҳои дод, додрасӣ, додхоҳӣ, доварӣ, инсоф, баробарӣ ва ғайра омадааст. Имрӯз вожаи адолати иҷтимоӣ, адолати судӣ васеъ истифода мегарданд, ки решаҳои хешро аз адлу адолат мегиранд.

**Ҳақиқат, баробарӣ, дурусткорӣ, ростӣ, инсофу виҷдон метавонанд дар баъзе ҳолатҳо вобаста ба қазияи гуногун ҷузъи адолат бошанду барои таъмин намудани адолат кӯмак намоянд.**

Дар фарҳанги ниёгони мо мақом ва нақши адолат бисёр баланд буда, мутафаккирони тоҷик оид ба адолату ҳақиқат, ҳимояи ҳаққи инсон андешаҳои арзишманду ҷозибадоре пешкаш намудаанд. Фарзандони баруманди миллати тоҷик Шайхурраис Ибни Сино, Муҳаммад Ғазолӣ ва дигарон бар он назаранд, ки адолат аз се фазилат – ҳикмат, шуҷоат ва иффат ба вуҷуд меояд ва ба воситаи адолат инсон дар ҳама кор ҳади эътидолро риоя карда, ба ифроту тафрит роҳ намедиҳад. Фирдавсии бузургвор бошад, дар асари безаволи хеш "Шоҳнома" адолату додхоҳиро ормону орзуи воқеии мардум дониста, нақши шоҳ ё роҳбари одилро дар таъмини адолату суботи ҷомеа ва давлат олӣ тасвир намудааст. Масалан, устод Фирдавсӣ дар тасвири корнамоиҳои Кайхусрав ба додхоҳиву адолатпарастӣ гуфта буд:

**Бигустурд гирди ҷаҳон додро,**
**Биканд аз замин бехи бедодро.**
**Ҳар он ҷо, ки вайрон буд обод кард,**
**Дили ғамгинон аз ғам озод кард.**

Устод Рӯдакӣ, Саъдӣ, Низомулмулк, Мавлоно, Ҷомӣ ва ғайра истифодаи принсипи адолатро дар фаъолияти сарвари давлат, адолатмандона идора намудани давлат, риояи қонуният ва даст кашидан аз зулму ситамро тарғиб намудаанд. Аз таҳлили фаҳмиши адолат ба чунин хулосае омадан мумкин аст: «Адолат ҷустуҷӯи ҳақиқат ва расонидани ҳақ ба ҳақдор аст».

Дар фарҳангу осори ниёгони мо мақоми шоҳ ё роҳбари одил бениҳоят арзишманд буда, шахсиятҳои бузург Анӯшервони Одил, Умар ибни Хаттоб, Салмони Форсӣ, Амир Исмоили Сомонӣ, Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ва дигарон ҳамеша улгуи роҳи адолат ҳастанд ва кушодани илмии роҳу равиши ин шахсиятҳои наҷиб вазифаи ҷонии мо мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки аз хофизаи халқ ҳеҷ гоҳ зулму ситам ва беадолатӣ дур намешавад. Масалан, миллати тоҷик ҳеҷ гоҳ зулму ситами Искандари Мақдунӣ, Қутайба ибни Муслим, Чингизу авлодонаш, Темур ва дигар золимони баъдинаи аҷнабиро фаромӯш намекунад.

Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ бо омилоти ба ҳама маълум, дар як муддати кӯтоҳ ҷомеаи мо аз масири адолату қонуният дур монда, мутаассифона арсаи ҷомеаи мо ҷавлонгоҳи зулму ситам шуда буд, ки ҷойи хубӣ ба бадӣ, зебоӣ ба зиштӣ, раҳмат ба шақоват, мурувват ба номардӣ, адолат ба зулм табдил ёфта буд. Дар ин айём, шахсияте лозим буд, ки ҳастии хешро барои ҳастии миллату давлатдорӣ ва барқарор намудани адолату қонуният дар кишвар ба хатар бигзораду масъулияти имрӯзу фардои давлату миллати тоҷикро бар дӯш гирад. Тақдир чунин шахсиятро ба майдон овард, ки он Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Аз суханрониҳои нахусти роҳбари ҷавони кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самимият, ҳикмат, ҷасорат, ҳақҷӯӣ, сулҳхоҳӣ ва адолатхоҳӣ эҳсос гашта, умеди мардуми кишварро барои ба вуҷуд овардани як ҷомеаи адолатпарвару демократӣ дучанд намуд. Талошу заҳматҳои пайгиронаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллатро аз парокандагӣ ва давлатдории тоҷиконро аз нестӣ наҷот дод.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали роҳбари давлат интихоб шуданашон тақя бо халқ намуда, ба ҷои тухми кинаву адоват, тухми ваҳдату адолатро кошт, ки имрӯз аз меваҳои ширини он мардуми кишварамон баҳраманд гардида истодаанд.

## КОНСТИТУТСИЯ ВА БУНЁДИ ҶОМЕАИ АДОЛАТПАРВАР

Яке аз муваффақияти бузурги халқи шарифи Тоҷикистон ин буд, ки 6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо тарафдории аксарият Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуданд, ки он ифодаи азму иродаи халқи тоҷик буда, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро расмиёти сиёсӣ бахшид. Халқи тоҷик ҳанӯз дар дебоҷаи Қонуни асосии давлат абарқонун Конститутсия озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи хеш қарор додааст. Қонуни асосии кишвар дурнамои инкишофу пешрафти Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян намуд. Инчунин дар таърихи давлатдории тоҷикон нахустин маротиба таҷзияи ҳокимият ба се рукн, яъне ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ эълон гардид, ки баёнгари принсипҳои демократикунонии ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ мебошад. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: «Мо таҷрибаи ҷаҳонии шаклҳои мухталифи давлату давлатдорӣ, низомҳои мавҷудаи сиёсию иқтисодӣ ва арзишҳои тамаддуни миллию умумибашариро омӯхтаю муқоиса намуда, бо дастгирӣ ва пуштибонии шаҳрвандони мамлакат роҳи ҷомеаи адолатпарвару озодандеши ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро пеш гирифтем».

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ – БУНЁДГУЗОРИ ҶОМЕАИ АДОЛАТПАРВАР

Хушбахтона, дар Ватани азизамон баъди соҳиб гардидан ба Ваҳдати миллӣ амнияти кишвар таъмин гардида, марҳилаи нави рушди давлатдорӣ оғоз гардид. Дар натиҷа мақом ва нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар кишвар мустаҳкам гардида, низоми қонунгузорӣ вобаста ба давлатдории миллӣ ташаккул ёфт. Ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар такмилу инкишофи қонунгузорӣ, идоракунии соҳаҳои мухталифи ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ ва мустаҷоб гардидани адолат ва дар умум, адолати иҷтимоӣ бағоят бузург аст.

Имрӯз адолат равшанкунандаи торикиҳо буда, золиму мазлум, гунаҳкору бегуноҳ бо адолат ва қонун бо тарзи маъруф тамиз дода мешаванд. Мақомоти судӣ дар умум, дари дод барои таъмини ҳақиқат ва дастрасӣ ба адолат мебошад.

Айёми созандагию ташаббускорӣ фаро расидааст, бинобар ин, мо омӯзгорони соҳаи ҳуқуқшиносӣ муваззафем, ки адолату қонуниятро моҳиронаву самимона ба донишҷӯён тавзеҳ диҳем, то муроди онҳо таъмини адолат ва хидмат ба мардум бошад. Дар факултаи ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби устодон соҳибтаҷриба ба шогирдон дарси адолат дода мешавад. Гарчанде фанни вижае бо номи адолат дар факултет ҷой надорад, аммо бо омӯзонидани дигар фанҳо ва соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ, ки принсипи адолат аз ҷумлаи принсипҳои асоситарин ва муҳимтарини онҳо махсус меёбад, донишҷӯён ба ин падидаи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ аз наздик ошно мегарданд.

**Ба пиндори мо, замоне расидааст, ки дар факултет фанни вижае бо номи адолат ё дод роҳандозӣ гардад, то донишҷӯёни ин даргоҳ, ки оянда дар вазифаҳои пурмасъули додрасу додситон, додгустар (муфаттиш)-у додгир (таҳқиқбаранда) ва додварз (адвокат) фаъолият менамоянд, аз мазмуну моҳият ва роҳҳои амалӣ намудани адолат бохабар бошанд.**

# САРВАРИ ИСТИҚЛОЛСОЗ



**Манучеҳр СУЛАЙМОНОВ**
**н.и.ҳ., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

Дар шароити имрӯза дар рӯйи ҷаҳон миллату халқиятҳои гуногун баҳри ба даст даровандани истиқлолияту озодӣ мубориза бурда истодаанд. Пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ ба халқияту миллатҳои гуногун бе таъсир намемонад. Инчунин зарурияти нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, ватандориву ватанпарварӣ ва дигар арзишҳое, ки муаррифгари кишварамон мебошанд, ба миён омадааст.

Бо шукргузорӣ аз даврони соҳибистиқлолӣ, озодӣ, ободиву оромӣ ва вазъи сиёсии Ватан, ки қадам ба қадам ва ҳадаф ба ҳадаф рӯ ба сӯи камолот дорад, мо мардуми сарбаланди тоҷику тоҷикистонӣ ифтихор дорем. Мусаллам аст, ки имрӯз таҷрибаи ба даст овардани сулҳу ваҳдати Тоҷикистони азизамон, баҳри ба даст овардани сулҳу суботи халқиятҳову миллатҳои гуногуни сайёра таҷриба шудааст. Соҳибистиқлолӣ ва фазои орому осуда, шароити мусоидро баҳри инкишофи соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои рӯзмарраи мардум гузошт. Дастовардҳои беназири замони муосири соҳибистиқлолӣ бо туфайли лаёқати кордонӣ, дарки дурусти воқеият, иродаи мустаҳкам, дасту виҷдони пок, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва дигар сифатҳои беназири Сарвари давлат ба даст омадаанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ мисолҳои зиёде дорад, ки дар давраи ҳассоси таърихӣ шахсиятҳое пайдо мешаванд, ки миллатро аз вартаи нобудшавӣ наҷот дода, соҳибдавлату соҳибистиқлол мегардонанд. Шахсияти Пешвои муаззами миллат низ аз қабили онҳост. Албатта, мардуми бонангу номуси кишварамон, ба қадри ин ҳама заҳматҳои фарзандони фарзонаи миллат, алалхусус, Сарвари давлат, Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мерасанд ва намегузоранд, ки заррае халал ба осудагиву оромӣ ва тинҷиву амонии кишварамон бирасад. Чунки аз рӯзҳои нахустини Истиқлолияти давлатӣ миллати тоҷик зери роҳбарии Сарвари давлат ҷамъ омада, дар раванди барқарорсозӣ ва инкишофи тамоми рукнҳои давлатдории нав ва бартарафсозии бухронҳои сиёсии ба амал омада саҳми беандозаи худро гузоштанд.

Роҳбари давлат тӯли зиёда аз бисту ҳашт соли соҳибистиқлолии кишвар дар раванди паҳншавии падидаҳои гуногуни таззодӣ – терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои муташаккил, таъсири ҳаракатҳову гурӯҳҳои гуногун тавонистанд баҳри барқарорсозии сохтори конститутсионии марзу бум ва истиқрори сулҳу субот ҷоннисорӣ намоянд. Тамоми дастовардҳои назарраси соҳибистиқлолии кишвар – ободии кишвар, пайдориву бардавомии Ваҳдати миллӣ, инкишоф додани соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла, бунёди иншооти бузургтарини кишвар НБО-и Роғун, амалисозии ҳадафи стратегии кишвар – баровардан аз бунбасти коммуникатсионӣ, истиқлолияти энергетикӣ, инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, пешгирӣ намудани ҷинояту ҷинояткорӣ, таъмини амнияти давлату миллат ва дигарон мисоли гуфтаҳои боло мебошанд.

Дар охир, мехоҳам қайд намоям, ки мардуме, ки ба қадри истиқлолият – неъмати бебаҳо расида, шукри онро ба ҷо меорад, гувоҳи ғайрати дучанд баҳри ободии ватани аҷдодии хешро

# ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА КАК ПОЛИТИКО-ПРАВОВОЙ ДОКУМЕНТ

**Президент Республики Таджикистан в соответствии Конституции Республики Таджикистан обладает широким кругом полномочий, необходимые для его функционирования как глава государства. Эти полномочия затрагивают все стороны государственной деятельности. Властные полномочия президента выражаются посредством издания правовых актов, такие как указы и распоряжения. Однако, это не исчерпывающий перечень правовых актов, посредством которого глава государства выражает свое волеизъявление. Важное место для определения основных направлений для государственной деятельности занимают ежегодные послания Президента Республики Таджикистан.**



**Илёс ДАВРОНОВ**
**студент 4-го курса**

Институт послания президента является важнейшим связующим звеном между главой государства и представительным органом т.е. парламентом и занимает особое место в процессе построения демократического правового государства.

Послание Президента – это политико-правовой документ, который содержит позиции главы государства по основным направлениям государственной политики, развитию конституционного строя Таджикистана и взаимоотношений с зарубежными странами и направляют законодательную деятельность парламента.

Институт послания главы государства имеет долгую историю. Послание главы государства (президента, монарха) парламенту – исторически сложившаяся форма взаимодействия законодательной и исполнительной ветви власти. На современных условиях Конституции почти всех стран мира регламентируют данный институт. Так, в Великобритании каждая новая сессия парламента начинается с «тронной речи» монарха, которая представляет собой программу законодательной работы парламента, предлагаемую правительством. Традиции обращении монарха в Великобритании с тронной речью монарха к парламенту берёт своё начало с XII века.

Послания президента характерны для президентских и смешанных республик, но в каждой из стран они имеют свои особенности. В США Президент ежегодно обращает к Конгрессу с посланием «О положение страны». Первое такое послание было озвучено президентом ДЖ. Вашингтоном в 1790 году. Согласно Конституции США «президент периодически представляет Конгрессу сведения о состоянии страны и предлагает на его усмотрение такие меры, которые сочтет необходимыми и полезными». Эти сведения содержат информацию о приоритетных направлениях политики на ближайший год и оформляются посланиями. В США существует три вида посланий: экономические послания, послания по бюджету, послания о положении в стране.

В Советском Союзе до учреждения поста Президента СССР институт послание главы государства не существовало. Это было связано с тем, что СССР не признавала концепцию разделение властей. Однако, по сути роль данного института играли отчётные доклады ЦК КПСС Съездом партии.

В Республики Таджикистан данный институт появился в начале XXI столетия. 30-го апреля 2001 году Президент Республики Таджикистан выступил перед вновь избранным парламентом Республики Таджикистан - Маджлиси Оли об основных направлениях внутренней и внешней политики республики.

Послание Президента Республики Таджикистана играет важную роль на современных условиях развития общества и государства в Республики Таджикистан. Данный институт определяет основные направления развития государства в правотворческой, политической, экономической, социальной, духовной и идеологической сферах. Статья 55 Конституции Республики Таджикистан определяет, что Президент Республики Таджикистан на совместном заседании Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан выступает с посланием об основных направлениях внутренний внешней политики республики.

Несмотря на высокий статус посланий президента, дискуссионным считается вопрос об их юридической силе. Существует мнение, что послание – нормативный документ, по своей силе приравниваемый к закону. Имеется и противоположная точка зрения, согласно которой послание – это официальный документ, который «не является нормативным актом, обязательным для граждан и должностных лиц, так как не включает правовые нормы» Послание Президента Республики Таджикистан является ненормативным актом. По своей сути Послание Президента РТ ассоциирует с программным документом, поскольку в нем обозначены основные направления развития страны, государственной и бюджетной политики на ближайшую перспективу.

Проанализировав тексты посланий, с которыми глава государства обращался к парламенту страны за последние 18 лет, бросается в глаза не только наличие множества политико-правовых установок, но и указания на необходимость принятия нормативных актов на республиканском и местным уровнем. Послание одновременно является программным документом для самого Президента Республики Таджикистана, поскольку он издает соответствующие указы и распоряжения в целях его исполнения.

Исходя из анализа правовой природы послания президента парламенту страны - Маджлиси Оли РТ сделаем вывод, что послания президента является ненормативным актом. Оно содержит в себе позиции главы государства по определению основных направлений политики государства, в нем определяется ориентиры на будущее, имеет рекомендательный характер для Маджлиси Оли и обязательный характер для органов исполнительной власти.

# ЗАБОНИ ТОҶИКИРО ПАҲН МЕБОЯД КАРД!

**Дар ҷараёни босуръати ҷаҳонишавӣ, ки омезиши фарҳангу маданияти халқу миллатҳои мухталиф ба назар мерасад, аксари давлатҳои ҷаҳон саъй бар он доранд, ки забони худро ба дигарон омӯзонида, ба таври васеъ паҳн намоянд. Хунукназарӣ ба ин масъала, метавонад ба косташавӣ ва нест шудани забонҳои кӯчак оварда расонад. Аммо дар ин раванд, вобаста ба паҳн намудан ва пос доштани забони тоҷикӣ, мутаассифона кӯшишҳо ҳанӯз ҳам қонеъкунанда намебошанд. Таваҷҷуҳ накардан ва мавриди истифодабарӣ қарор надодани методикаҳои нави омӯзиши забонҳо, аз ҷумлаи чунин нодиданҳо доир ба масъалаи мазкур ба ҳисоб меравад.**



**Фаридун БОБОХОНОВ**
**омӯзгори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, унвонҷӯи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

## ТАНЗИМИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ЗАРУР АСТ?

Солҳои охир, дар ҳудуди кишвар, махсусан дар шаҳри Душанбе, шумораи марказҳои хусусии омӯзиши забонҳои хориҷӣ босуръат меафзояд, ки асосан забонҳои англисӣ, русӣ, хитоӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ин агар аз як тараф сафи забондонҳоро зиёд намояд, аз ҷониби дигар ба паҳн кардани забонҳои ин давлатҳо мусоидат менамояд. Новобаста аз он ки омӯзиши забонҳои мазкур то кадом андоза манфиат дорад ё на, вале мавриди танзим қарор надодани амалҳо оқибати нохуброб ба бор оварда наш мумкин аст.

## «ҲИҶРАТИ АҚЛҲО» ВА Ё «ФИРОРИ МАҒЗҲО»

Яке аз зуҳуротҳои номатлубе, ки имрӯзҳо дар кишвари мо ба чашм мерасад, ин "ҳиҷрати ақлҳо" аст, ки як омили мусоидаткунандааш ин забонҳои хориҷӣ мебошад. "Ҳиҷрати ақлҳо" ва ё "фирори мағзҳо" маънои онро дорад, ки олимон ва мутахассисони ҷавони чунон баҳри шароити беҳтари рӯзгузаронӣ ба кишварҳои хориҷӣ (Россия, Амрико, Олмон, Англия ва ғ.) ҳиҷрат карда, донишу малакаи худро дар пешрафти кишварҳои хориҷӣ истифода мебаранд. Чунин шахсон маҳз дар натиҷаи донистани забонҳои зиёди хориҷӣ ба кишварҳои дигар ҳиҷрат мекунанд. Аниктараш, Тоҷикистон ба онҳо тамоми шароитро фароҳам меварад, то забонҳои хориҷӣ ва дигар соҳаҳоро аз худ намуда, ба халқу ватани худ хизмат намоянд, аммо онҳо бинобар сабаби донистани забони хориҷӣ тарки Ватан менамоянд, ки ба андешаи мо инро чуз хиёнат ба халқу Ватани худ беш нано манд. Барои мисол, дар як соли 2010 аз рӯи ҳисобҳои оморӣ зиёда аз 200 нафар мутахассисони соҳибтаҷрибаи кишвар тарки Ватан кардаанд. Бинобар ин, яке аз сабабҳои асосии чунин раванд, ин дар асоси принсипҳои ҳуввияти миллӣ ва худшиносии миллӣ наомӯхтани забонҳои хориҷӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки чунин раванди номатлуб ба паҳнгардӣ ва посдории забони тоҷикӣ таъсири манфӣ расонида, оҳиста-оҳиста метавонад мавкеи онро танг намояд.

**МО БОЯД БА ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ РӮ ОВАРЕМ.**
**Эмомалӣ РАҲМОН**

Бояд қайд кард, ки ҳадаф аз чунин суханҳо назари манфӣ доштан нисбат ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ нест. Тавре аз суханронии Пешвои миллат бармеояд, мо бояд ба забонҳои хориҷӣ рӯ оварем. Бо донистани забонҳои хориҷӣ мо метавонем, ҳифзи забони тоҷикӣ, арзишҳои миллӣ, марзу буми кишварро ба роҳ монда, Тоҷикистони азизи худро дар арсаи байналмилалӣ намояндагӣ кунем. Аммо дар ин раванд, моро зарур аст, ки хеле ҳушёру зирак бошем, то нагузорем, ки дигар забонҳо ба забони қадимаю пурғановати "тоҷикӣ" таъсири манфӣ расонанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки қариб ҳазор сол забони тоҷикӣ зери таъсири забони арабӣ буда, баъдан то соҳибистиқлолии Тоҷикистон зери таъсири забони русӣ қарор гирифт. Новобаста аз оне ки забони тоҷикӣ зери таъсири дигар забонҳо қарор дошт, тавонист мавқеъ ва мавҷудияти хешро нигоҳ дорад. Аммо гап сари он аст, ки он замонҳо омилҳое буданд, ки забони тоҷикӣ зери таъсири дигар забонҳо қарор дошта буд, вале айни ҳол чӣ? Ҳоло бошад, Тоҷикистон соҳибистиқлол буда, дар амалигардонии инкишофи забони худ мустақил аст.

## ПАС ЧАРО МО ЗАБОНИ ХУДРО ПАҲН ВА ОММАВӢ НАСОЗЕМ?

Таърих худ гувоҳ аст, ки забони форсӣ-тоҷикӣ дар гузашта, яке аз забонҳои паҳншудатарин ва маъруфтарин ба ҳисоб мерафт, махсусан дар замони давлатдории Сомониён. Мутаассифона, амалияи омӯзиши забонҳо дар ҷумҳурӣ, хусусан марказҳои забономӯзӣ нишон медиҳанд, ки фаъолияти онҳо танҳо ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ равона шуда, дар ин раванд фаъолияти забони тоҷикӣ ба чашм нонамоён аст. Мутобиқи бархе маълумотҳо, хориҷиён аз сабаби набудани курсҳои омӯзишии забони тоҷикӣ ин забонро дар алоҳидагӣ назди мутахассисони соҳа меомӯзанд. Аммо бархе аз нафарон бар он андешаанд, ки гӯё хориҷиён забони тоҷикиро намеомӯхта бошанду барои онҳо даркор ҳам набудааст. Ҳол он ки соли гузашта, дар ҷумҳурӣ «Соли рӯшди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шуда, ин иқдом тӯли се соли дигар боз идома хоҳад ёфт. Дар ин раванд, ба соҳаи сайёҳӣ имтиёзҳои зиёд пешбинӣ шуда, сафи сайёҳони ба Тоҷикистон меомада низ афзуда истодааст. Албатта, андешаи боло дар хусуси назарногирии сайёҳон ба забони тоҷикӣ комилан хато буда, ҳақиқат надорад.

**Аксари нафароне, ки ба Тоҷикистон меоянд, барои омӯзиши забони тоҷикӣ талош меварзанд**

Зеро аксари нафароне, ки ба Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ меоянд, барои омӯзиши забони тоҷикӣ талош меварзанд. Бинобар ин, дар баробари суръатнокии омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба омӯзиш ва паҳн кардани забони тоҷикӣ низ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

## МУСОҲИБА БО З. НАЗАРОВА

Вобаста ба масъалаи мазкур, банда бо якчанд муҳаққиқони соҳаи забон мусоҳиба доир намудам ва нахустин мусоҳибаам бо мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дотсент З. Назарова сурат гирифт. З. Назарова зимни мусоҳиба зикр намуданд, ки «вақти он расидааст, ки мо хоҳандагону донишҷӯёнро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҷалб намуда, ақаллан ба онҳо забонҳои русӣ ва англисиро омӯзонем. Аммо дар ин раванд, ба паҳнгардонии забони тоҷикӣ низ саъю кӯшиш намуда, тавре амал намоем, ки хориҷиёни ба Тоҷикистон меомада низ ба омӯзиши забони тоҷикӣ рӯ оваранд».

## СУҲБАТ БО ПРОФЕССОР ШАҲБОЗ КАБИРОВ

Дар суҳбат доир ба масъалаи мазкур, номзади илмҳои филологӣ, профессор Шаҳбоз Кабиров низ чунин посух доданд: «Дарвоқеъ, вобаста ба масъалаи паҳн гардонидани забони тоҷикӣ ва оммавӣ намудани он дар ҷумҳурӣ на он қадар саъю кӯшишҳо ба назар мерасанд. Марказҳои омӯзишии забонҳо пурра ба забонҳои хориҷӣ такя карда, ба забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ надоранд. Тавре ки мо хабар дорем, аксари шаҳрвандони хориҷӣ, алалхусус, олмониҳо, кореягиҳо, англисҳо барои омӯхтани забони тоҷикӣ, бинобар сабаби набудани марказҳои махсус ба мутахассисони забондони муассисаҳои давлатӣ (донишгоҳу донишкадаҳо) мурочиат мекунанд. Дар назди баъзе аз муассисаҳои давлатӣ чунин марказҳо ва ё курсҳо амал мекунанд, ки онҳо миқдори хело камеро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, дар назди факултети филологияи ДМТ марказе барои омӯзиши забони тоҷикӣ ба хориҷиён амал менамояд, ки фаъолияти он аз ҷониби дотсент Ҳ. Дилмурод ба роҳ монда мешавад. Фикр мекунам, барои омӯзиши як забони қадимаю пурғановат ва содаю равон, дар арафаи афзунгардии сайёҳони хориҷӣ ба кишвар, як марказ басанда буда наметавонад. Барои паҳн кардани забони тоҷикӣ моро зарур меояд, ки майл ба роҳу усулҳои васеътар намоем».

Аз гуфтаҳои эшон чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳамагон мехоҳанд, ки дар баробари забонҳои хориҷӣ забони тоҷикӣ низ ба таври васеъ паҳн гардидаву ба яке аз забонҳои оммавӣ мубаддалу аз чорчубаи танг бароянд. Аммо чӣ тавр? Ҳеҷ яке дақиқ намегӯянд, ки чӣ тавр метавон забони тоҷикиро паҳн намуд?

Аз натиҷаи тадқиқоти яксола ба хулосае омадам, ки баҳри беҳтар паҳн намудани забони тоҷикӣ бояд амалҳои зайлро анҷом дод:

### 1. ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба даҳҳо воситаҳои содаю тезомӯзи забон воҳӯрдан мумкин аст, аммо барои омӯзиши забони тоҷикӣ танҳо як алифбо барои синфҳои якум дорему халос. Бинобар ин, воситаҳои таълимии зудомӯзи забони тоҷикӣ барои хориҷиён бояд мавриди таҳия қарор дода шаванд.

### 2. ВОСИТАҲОИ ВИДЕОӢ ВА АУДИОӢ

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо усулҳои аудиоӣ ва видеоӣ ба роҳ монда мешавад, ки яке аз роҳҳои зудомӯзӣ ва зудпаҳншавандаи забон ба ҳисоб меравад. Дар аксари воситаҳои таълимӣ забономӯзии хориҷӣ дар охири китоб фиттаҳои сабти аудио ва видеодарсҳо ҷойгир кунонида шудаast. Бинобар ин, мутахассисони соҳаро мебояд дарсҳои омӯзишии забони тоҷикиро дар шакли аудиоӣ ва видеоӣ сабт карда, якҷоя бо воситаҳои таълимӣ пешкаши забономӯзон намоянд.

### 3. ФИЛМҲО

Дар филмҳои хориҷӣ, баҳри паҳн кардани забони худ зимни тарҷуманамоӣ, ду ё се забонро дар он ҷойгир месозанд, ки яке забони аслии филм ва дигаре забони тарҷума, ҳамчунин забоне дар шакли навишт мебошанд. Ин яке аз роҳҳои зудомӯзии забон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, мутахассисони соҳаро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи филмҳо, онҳоро ба забонҳои дигар тарҷума карда, забони тоҷикиро дар шакли навишт ҷой диҳанд.

### 4. ТАШКИЛИ МАРКАЗҲОИ ОМӮЗИШИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар назди муассисаҳои касбӣ (донишгоҳу донишкадаҳо ва ташкилоту корхонаҳои бахши сайёҳӣ) марказҳо ва ё курсҳои омӯзишии забони тоҷикӣ бо фарогирии мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳа омӯзиши забони тоҷикӣ ба хориҷиён ташкил ва ба роҳ монда шавад. Чунин марказ ва ё курсҳо метавонанд дар назди сафоратхонаю консулгариҳои Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ низ ташкил карда шаванд. Ҳамзамон, ба тамоми марказҳои омӯзишии забонҳои хориҷӣ дар ҷумҳурӣ, супориш дода шавад, ки дар баробари забонҳои хориҷӣ омӯзиши забони тоҷикӣ низ ба роҳ монда шавад.

### 5. ТАБЛИҒОТ

Яке аз роҳҳои ба муваффақият ноил гардидани хориҷиён дар паҳн кардани забони хеш таблиғот мебошад. Суханони ашхосе, ки "хориҷиён ба забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ надоранд", аз он ҷиҳат дуруст аст, ки барои хориҷиён ягон реклама вуҷуд надорад. Бинобар ин, баҳри ҷалби сайёҳон ва хориҷиён ба омӯзиши забони тоҷикӣ масъулинро зарур аст, ки ба таблиғи забони тоҷикӣ диққати бештар зоҳир намоянд.

### 6. БАРНОМАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ВА ТЕЛЕФОНӢ

Имрӯзҳо, ки техника ва технологияи электронӣ бемайлон рушд намуда истодааст, воситаҳои мухталифи он ба ҳайси паҳнкунандаи забон баромад менамоянд. Масалан, барои истифодаи компютерҳо, телефонҳо ва ё дигар таҷҳизотҳои электронию техникӣ моро зарур аст, ки нахуст забони онҳоро аз худ намоем. Дар аксар барномаҳои ин воситаҳои техникӣ навиштаҷот ё дастур ба забони тоҷикӣ ба назар намерасад. Ҳол он ки забонҳои баъзе аз кишварҳои кӯчак низ дар ин барнома ё дастурамал ҷой дода шудаанд. Мутахассисони соҳаро зарур аст, ки барои забони тоҷикиро ба ин барномаҳо ҷойгир намудан кӯшиш намоянд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили мавзӯъ бармеояд, ки дар равнади босуръати ҷаҳонишавӣ, паҳн кардани забони тоҷикӣ ва ё оммавӣ гардониданi он, яке аз масъалаҳои рӯзмара буда, аз масъулон тақозо менамояд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар дошта бошанд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешгуфтори китоби “Забони миллат – ҳастии миллат” хеле ҷаззобу воқеъбинона дарҷ намудааст, ки “танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳифзи худ нигоҳ медорад”. Дарвоқеъ, забони модарии мо дар ҳама давру замон меҳру муҳаббати бепоёни худро барои нигоҳдорӣ ва посдории ҳастии миллат бахшидааст.**



Сомон НАВРӮЗЗОДА
донишҷӯи соли 3

# САРҲАДИ ТОҶИК – ЗАБОНИ ТОҶИК

Таърихи забон ба сифати таърихи миллат ва фарҳанги ниёгонамон маънидод мегардад, ки дар нимаи дуюми ҳазорсолаи аввали мелодӣ, яъне дар асрҳои V-VII мелодӣ, тадриҷан ҷои забонҳои ба ҳам наздики минтақаи эронзамини таърихиро (забонҳои форсии миёна, бохтарӣ, портӣ, суғдӣ ва ғ.) гирифт. Дар асри IX-и мелодӣ он ба сифати забони расмӣ ва минбаъд забони илмии ин минтақа табдил ёфт. Баъдан аз давраи Сомониён то имрӯз дар рушду нумӯи фарҳангу тамаддуни башарӣ нақши бузурге дорад, ки мақому манзалати он хеле баланду волост. Инро шоири ватансаро Бозор Собир чунин тараннум намудааст:

**Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон.**
**Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.**
**То забон дорад ватандор аст ӯ,**
**То забондор аст бисёр аст ӯ.**

Воқеан, забони модарии мо ин ёдгории таърихӣ ва модарзабони бисёре аз забонҳои дигари дунёст, ки васфи бузургии он ба хаёлам дар дунёи андешаву хаёлоти ҳар кас намеғунҷад. Падарам онро «забони илму адаб ва забони амику дакике, ки амиктарин эхсосоти қалбро тасвир карда метавонад» мешуморад ва дар китоби «Мукаддимаи идеяи миллӣ» менависад, ки забони модарии моро «замоне ориёӣ, замоне авестоӣ, сипас бохтариву суғдӣ, баъдан паҳлавӣ ва билохира форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ хондаанд. Ин забонест, ки амиктарин ношинохтаҳо ва маъниҳои даруни зеҳн ва тафаккурро бар забон ва рӯи коғаз меорад».

Аз ин бар меояд, ки шириниии забони модарии мо аз шеърҳои «қанду асал»-и Муъмин Қаноат, «дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон»-и Бозор Собир ва дигар ташбеҳу гуфтаҳои шоирону нависандагони мо боз лазизу ширинтар будааст. Зеро, лафзи аҷдодии мо, ширу шакари зиндагӣ, забони модари азизам ва барои ман ёдгориест, ки то ҳанӯз садои ширини модарҷонам дар ҷону рӯҳ ва қалбам танинандоз аст. Аввалин ҳарф ва садоҳое, ки модарҷонам дар баёни номам изҳор мекарданд, то ҳанӯз бузургтарин лаззати дунёи ман аст, ки ба хаёлам парвоз ва қум-қуми кабутарҳои кудсиро пеши назар меорад. Пас забони модарии мо, нишонаи бахту саодат, намунаи ватанпарастӣ ва арзишмандтарин дорандагие мебошад, ки ба он ифтихору садоқатам хеле бузург аст.




Ҳикмати дигаре дар забони мо ин хат аст, ки ширинтарин хобҳою ёдҳою созҳоро рӯи сангу чӯбу коғазу қалбҳо тасвир карда метавонем. Ҳарчанд, ки мо забону модару Ватанро ҳамеша васф менамоем, боз хат барандаи розҳои инсонӣ мебошад, ки баъди ҳазорсолаҳо боқӣ мемонад. Ба назарам бузургии хат ҳамчун шоҳиду қосиди таърихи ниёгон дар бузургдошти тақдири миллату халқиятҳо мисли тухфае аз ғайб аст, ки азизу муътабар нигоҳ доштани он қарзи фарзандии мо донишҷӯён мебошад.

Ба хаёлам, баъди ҳазорсолаҳо бузургтарин дастоварди замони соҳибистиқлолии мардуми тоҷик мақоми давлатӣ гирифтани забони модариамон мебошад, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатӣ» онро ба арсаи ҷаҳонӣ ворид намуд. Рӯзи забон ҳамчун ҷашн эълон гардид. Пайванди асрҳо, марзҳо ва қалбҳоро аз нав эҳё намуд ва ҷавонони мо, соҳибони ин забон ҳамеша шукронаи забону меҳри модарӣ доранд.

# ЗАБОН – ГӮЁТАРИН ДАЛЕЛИ ҲАСТӢ



Манижаи БАҲОДУР
донишҷӯи соли 1

**Забони мо ин ҷаҳони мост!**

Забон рукни асосии миллат, унсури нахустини фарҳанг ва волотарин муқаддасоти дунё махсуб меёбад. Забон ифодагари мароми мақсади якдигар ва роҳи беҳтарини мусоҳиба ва муошират аст. Маҳз тавассути забон мо андешаҳои худро ифроз намуда, фикру ақидаҳои дигаронро мешунавем. Давлате, ки забон надорад фарҳанг, маданият ва пояи устувор надорад.

Зеро забон устувортарин пояи давлат аст, ки мақому манзалати онро дар арсаи ҷаҳон баланд мебардорад. Давлату миллатро тавассути фарҳангаш мешиносанд ва эҳтиром менамоянд.

Забони ин ҳастии миллат ва бақои давлат аст. Забони тоҷикии мо таърихи бисёрҳазорсола дорад ва тавассути он ашъори пурҳикмати Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и беғазанди Фирдавсӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Балхӣ, «Донишнома»-и Сино ва ҳазорон маҷмӯаҳои шеъриву насрӣ навишта шудааст, ки ин барои мо мояи ифтихор ва сарбаландист.

Хотиррасон бояд намуд, ки маҳз тавассути ҷаҳду талош ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз забони тоҷикии мо мақоми давлатиро касб намудааст. Аз соли 2009 то ба имрӯз дар саросари кишвари азизамон 5 октябр ҳамчун рӯзи забон ҷашн гирифта мешавад. Боиси ифтихор аст, ки имрӯз мо тоҷикон соҳиби давлати ободи тамаддуни оламгир ва забони поку беолоиш ҳастем. Моро мебояд, ки забони ноби тоҷикии худро эҳтиром намуда, онро ҳамчун ҷавҳари ҳастӣ маънидод намоем.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**Забони тоҷикӣ ту беҳтаринӣ,**
**Бароям ҷавшани рӯи заминӣ.**
**Нидо омад зи сӯи осмонҳо,**
**Ки миллатро зи рӯи ӯ шиносӣ.**
**Набошад бе забон давлат дурахшон,**
**Забон ин ҳастию фардои моён.**
**Забони тоҷикӣ ту қалби тоҷик,**
**Забони назму достонҳои тоҷик.**
**Забони шеъри пурҳикмати Саъдӣ,**
**Забони назми оламгири Балхӣ.**
**Забони ноби Турсунзода ҳастӣ,**
**Ба тоҷик беҳтарин ганҷина ҳастӣ.**
**Забони тоҷикӣ ту қулфи дарҳо,**
**Забони насли поки оламоро.**


Саъдизода Ҷаҳонгир - н.и.х., дотсент, и.в. мудири кафедра


Холиқзода Абдураҳим Ғафор - д.и.х., профессори кафедра


Сафарзода Бахтовар Амиралӣ - д.и.х., профессори кафедра


Ализода Зариф - д.и.ҳ., профессори кафедра


Азиззода Убайдулло Абдулло - д.и.ҳ., профессори кафедра

# МАКТАБИ ИЛМИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**ТАЪСИСИ КАФЕДРА.** Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ моҳи сентябри соли 2006 дар ҳайати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шуда, он замон яке аз нахустин кафедраҳои махсусгардонидашуда оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Минбаъд дар заминаи маводи илмӣ-таълимӣ ва ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-ҳуқуқии кафедра дар дигар донишгоҳу донишкадаҳои дохил ва хориҷи кишвар кафедраҳои монанд таъсис дода шуданд. Замоне, ки кафедра таъсис ёфт дар он ҳамагӣ 5 нафар омӯзгори штатӣ (1 нафар доктори илм, 1 нафар номзади илм, 3 ассистент) ва 2 нафар ҳамкор фаъолият мекарданд, аз қабили: Холиқзода А.Ғ. (мудири кафедра, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор), Диноршоҳ А.М. (номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент), Шоев Ф.М. (ассистент), Раҳмон Д.С. (ассистент), Пулатов А.С. (ассистент), Бобоева Н.И. (ҳамкор), Сафарзода Б.А. (ҳамкор).

**ҲАЙАТИ АМАЛКУНАНДАИ КАФЕДРА.** Айни замон дар кафедра 16 нафар кормандИ штатӣ ва 2 нафар ҳамкор, аз ҷумла 5 доктори илмҳои ҳуқуқ – Холиқзода А.Ғ., Сафарзода Б.А., Азиззода У.А., Диноршоҳ А.М. ва Ализода З., 7 номзади илмҳои ҳуқуқ – Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ., Бобоева Н.И., Шоев Ф.М., Миралиев И.Қ., Саидзода И.И. ва Искандаров Ш.Ф., панҷ ассистент – Раҷабова Ш.М., Исозода П.А., Мизробов Ш.Ш., Сафарзода Н.Ф., Исматова М.Ҳ. ва 1 лаборант – Холиқова О.А. ба фаъолияти илмӣ-педагогӣ машғуланд.

Имрӯз кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ яке аз пойгоҳҳои пуриқтидори илмӣ оид ба масъалаи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**МАГИСТРАТУРАИ НАЗДИ КАФЕДРА.** Аз моҳи сентябри соли 2019 дар назди кафедра магистратура аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» таъсис дода шуд, ки ин иқдом барои тарбияи мутахассисони варзида ва ба роҳи илм роҳнамоӣ намудани онҳо мусоидат менамояд. Дар магистратураи назди кафедра фанҳои ҳуқуқи қадимаи тоҷикон ва арзишҳои башарии он, масъалаҳои мубрами ҳуқуқи инсон дар замони муосир, масъалаҳои мубрами ҳуқуқи кӯдак, андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар фанҳои тахассусӣ дарс гуфта мешаванд.

**ФАНҲОИ ТАЪЛИМИИ КАФЕДРА.** Дар доираи кафедра фанҳои таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ, курсҳои махсуси ҳуқуқи занон, ҳуқуқи гурезаҳо, ҳуқуқи кӯдак, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ба донишҷӯён таълим дода мешаванд. Инчунин, омӯзгорони кафедра дар ҳамаи факултетҳои ихтисоси ғайриҳуқуқшиносии ДМТ аз фанни ҳуқуқ дарс мегӯянд.

**КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ КАФЕДРА.** Кафедра дар доираи нақшаи илмӣ-тадқиқотӣ самтҳои фаъолияти худро баҳри инкишофи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Дар давоми 13 соли фаъолият дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ зиёда аз ҳазор асарҳои илмӣ, илмию методӣ ва илмӣ-оммавӣ аз чоп баровarda шуд, ки онҳо барои такмили паҳлуҳои гуногуни рӯзгори ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва дар умум низоми ҳуқуқии Тоҷикистон равона шудаанд. Аз ҷумла аз ҷониби омӯзгорони кафедра 8 китоби дарсӣ, 35 монография, 1 фарҳанг, 40 воситаи таълимӣ, 8 маҷмӯа, 30 барномаи таълимӣ ва дастурҳои методӣ ва 900 мақолаҳои илмиву оммавӣ ва фишурда ба табъ расидааст.

Аз соли 2006 то соли 2019 дар заминаи кафедра 15 нафар рисолаҳои номзадию докторӣ ҳимоя намуданд, аз ҷумла 4 нафар рисолаи докторӣ – З. Ализода, А.М. Диноршоҳ, Б.А. Сафарзода, У.А. Азиззода ва 11 нафар рисолаи номзадӣ – Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, Н.И. Бобоева, И.Қ. Миралиев, И.И. Саидзода, Ҷ. Саъдизода, Ф.М. Шоев, Ш.Ф. Искандаров, Н.Д. Табаров, У.Э. Неъматуллоев, М.М. Холинова.

Дар назди кафедра маҳфили илмии донишҷӯён таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон» амал мекунад, ки дар он донишҷӯён зери роҳбарии устодони кафедра бо маърӯзаҳо баромад мекунанд.

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ КАФЕДРА.** Соли 2016 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар якҷоягӣ бо кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» таъсис ёфт, ки сармуҳарририи онро доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедра Азиззода У.А. бар ухда дорад. Маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» соле чор маротиба (дар се моҳ як маротиба) дар матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба нашр мерасад. Дар он мақолаҳои илмӣ асосан оид ба масъалаҳои мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, сохтори конститутсионӣ ва сохтори давлатӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва соҳаҳои ҳамҷавор ва дигар масъалаҳои мубрами ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ чоп мешаванд.

Омӯзгорони кафедра дар таҳия ва нашри рӯзнома ва маҷаллаҳои дигари факултет нақши калон доранд. Аз ҷумла дар факултет аз соли 2013 оғоз карда маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» ба нашр мерасад, ки доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедра Сафарзода Б.А. муовини сармуҳаррири он мебошад. Омӯзгори кафедра, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Саъдизода Ҷ. аз соли 2014 то соли 2018 сармуҳарририи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» – нашрияи факултетро бар ухда дошт. Мавсуф дар босифат ба нашр расидани рӯзнома, таъсиси пойгоҳи маҷмӯи мақолаҳо ва рушди малакаи эҷодии донишҷӯёни факултет саҳми бузург дорад.

**ҲАМКОРИИ КАФЕДРА.** Кафедра бо мақомоти ҳифзи




Саидзода Исфандиёр Искандар - н.и.х., дотсенти кафедра


Искандаров Шарафҷон - н.и.ҳ., ассистенти кафедра


Раҷабова Шукрона - ассистенти кафедра


Исматова Моҳира Ҳусеналиевна - ассистенти кафедра



Диноршоҳ Азиз Мусо - д.и.ҳ., профессори кафедра



Раҳмон Дилшод Сафарбек - н.и.ҳ., дотсенти кафедра



Бобоева Низорамоҳ Идиевна - н.и.ҳ., дотсенти кафедра



Шоев Фируз Маҳмадаминович - н.и.ҳ., муаллими калони кафедра



Миралиев Исфандиёр - н.и.ҳ., дотсенти кафедра

# ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



Мизробов Шаҳбоз - ассистенти кафедра



Исозода Парвиз Асадулло - ассистенти кафедра



Сафарзода Некрӯз Файзӣ - ассистенти кафедра



Холиқова Омина - лаборанти кафедра

ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ вобаста ба вазифаҳои дар наздаш истода ҳамкориҳо дорад. Аз ҷумла омӯзгорони кафедра бо Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳрии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ, Суди Олӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дигари давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартибот ҳамкории наздик доранд. Аз ҷумла, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра Саъдизода Ҷ. аъзои Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, дотсенти кафедра Раҳмон Д.С. узви шӯрои илмӣ-машваратии назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Кафедра бо ташкилотҳо ва созмонҳои ҷамъиятии дохиливу хориҷӣ дар самти ҳуқуқи инсон ҳамкориҳои судманд дорад. Ҳамзамон омӯзгорони кафедра бо донишгоҳу донишкадаҳои бонуфузи дохил ва хориҷи кишвар пайваста ҳамкорӣ менамоянд. Дар заминаи кафедра 4 конференсияи байналмилалӣ, 5 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 6 семинарҳои илмӣ ва мизҳои мудаввар баргузор карда шуд, ки дар онҳо олимони намоёни давлатҳои хориҷӣ ширкат намудаанд.

**РОҲБАРОНИ КАФЕДРА.** Аз соли 2006 оғоз карда, шахсони зерин роҳбарии кафедраро ба зимма доштанд: 1) Холиқзода А.Ғ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (солҳои 2006-2009); 2) Сафарзода Б.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (солҳои 2009-2015); 3) Азиззода У.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (солҳои 2015-2017); 4) Саидзода И.И. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (солҳои 2017-2018); 5) Саъдизода Ҷ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (аз соли 2018 то инҷониб).

**ДАСТПАРВАРОНИ КАФЕДРА.** Омӯзгорон ва дастпарварони кафедра ба зинаҳои баланди илмӣ расида, дар вазифаҳои пурмасъул кору фаъолият менамоянд. Аз ҷумла:

**Ализода Зариф** – Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи Ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Холиқзода Абдураҳим Ғафор** – Раиси Кумитаи сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Сафарзода Бахтовар Амиралӣ** – вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар парламент, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Азиззода Убайдулло Абдулло** – сардори Раёсати таълими ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Раҳмон Дилшод Сафарбек** – декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Миралиев Исфандиёр Қарахонович** – муовини декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Саидзода Исфандиёр Искандар** – сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Дар умум гуфтан мумкин аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар заминаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду мактаби мустақили илмӣ – мактаби илмии ҳуқуқи инсон ва мактаби илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба миён омад.**

**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**
**и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, н.и.ҳ., дотсент**



# ЗАБОНИ МИЛЛАТ – ҲАСТИИ МИЛЛАТ

**Шоҳрух ЗАБИРОВ**
**донишҷӯи соли 2**



Бо дамидани субҳи истиқлол ва махсусан баъди ба сари давлат омадани фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Пешвои муаззами миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи баланд бардоштани мартабаи забони тоҷикӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода шуд. Аз ҷумла, бо фармони Президенти мамлакат Соли бузургдошти забони тоҷикӣ эълон гардидани соли 2008, қабул гардидани Қонун ЧТ "Дар бораи забони давлатӣ", дар ҳайати ҳукумати мамлакат таъсис ёфтани сохтори наве бо номи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва қабули "Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016", таъсиси маҷаллаи илмии "Забоншиносӣ" ва ғайра мисоли ин гуфтаҳост.

Забони тоҷикӣ дар Тоҷикистони азиз забони давлатӣ аст ва бо Конститутсия ва Қонуни ЧТ "Дар бораи забони давлатии ЧТ" аз 5 октябри соли 2009 расмӣ гардонида шудааст. Дар моддаи 3 қонуни мазкур омадааст: "Ҳар як шаҳрванди ЧТ вазифадор аст, ки забони давлатиро донад. Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд". Аз қабули қонуни мазкур 10 сол сипарӣ гардид.

Забон моли халқ, мероси миллат ва сармояи маънавии давлати соҳибистиқлол аст. Яке аз омилҳои асосии рушду камолоти миллат ин забони миллат аст. Бузургони гузаштаи тоҷик, шоирону нависандагон ва умуман аҳли зиёи мамлакат дар бораи қадру манзалати забон суханони зиёде гуфта, шеърҳову киссаҳо ва зарбулмасалу мақолҳо эҷод намудаанд. Аз қабили, "Забонгумкарда"-и Л. Шералӣ, "Забони ватан"-и Б. Собир, асарҳои "Марши ҳурият" ва "Намунаи адабиёти тоҷик"-и С. Айнӣ ва ғайраҳо мисоли ин гуфтаҳост. Ба ғайр аз ин, эҷод шудани асари гаронбаҳои Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо номи "Забон – ҳастии миллат" барои баланд бардоштани манзалати забони ноби тоҷикӣ мусоидат менамояд.

**Меҳрубон ЁРМАҲМАДЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**



Забон воситаи муҳим ва пурарзиши муошири байни инсонҳо ба шумор рафта, яке аз нишонаҳои муҳимми шинохти ин ё он миллат забони ҳамон миллат аст. Забони миллӣ яке аз рукнҳои давлатдории миллӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, яке аз нишонаҳои асосии миллати тоҷик забони тоҷикӣ аст, ки боиси мавҷудияту бақои миллати тоҷик гардидаст. Омили рушду инкишофи забон аз заминаи таърихи он вобаста мебошад. Забони тоҷикӣ таърихи пурғановати худро дорад. Барои касе пинҳон нест, ки забони тоҷикӣ дар давоми чандин аср аз канораҳои баҳри Миёназамин то баландиҳои Ҳиндукуш, аз кӯҳҳои Қафқоз то халиҷи Форс барои бисёр халқҳои қитъаи Осиё забони давлатдорӣ ва муоширати ба шумор мерафт. Дар тӯли таърих аҷнабиёне, ки ба кишвари мо дастдарозӣ кардаанд, пеш аз ҳама барои аз байн бурдани забони тоҷикӣ тадбирандешӣ кардаанд, вале на юнонӣ, на арабу турку муғул ин забонро аз байн бурда натавонистанд. Умуман забони тоҷикӣ таърихи бой дорад.

Забони тоҷикӣ забони тамаддун, донишгоҳи тафаккур ва ҳофизаи таърихии тоҷикон аст. Ҳар нафаре, ки забони давлатии тоҷикиро эҳтиром намекунад, баъд аз манкурт аст. Аскар Ҳаким мегӯяд, ки мо бояд ҳар як маънои калимаи тоҷикиро омӯзем. Лоиқ мегӯяд, ки касе онро надонад шири модар бар ӯ ҳаром аст. Устод Айнӣ мегуфтанд, ки забони ноб ва ҷонгудоз аст. Муъмин Қаноат мегӯяд, ки ин забон пур аз меҳру ҷавҳар аст. Фарзона забони модариро ба меҳан монанд мекунаду Гулрухсор ба ҳастии миллат шабоҳат медиҳад.

**Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон,**
**Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.**
**То забон дорад, ватандор аст ӯ,**
**То забондор аст, бисёр аст ӯ.**

**Умедҷон ШАРИПОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Забон беҳтарин ганҷест дар рӯи дунё. Маҳз забон аст, ки инсоният тавассути он хоҳиши худро иброз на-



муда, бад-ин васила дар зиндагӣ ба хостаҳои худ мушарраф мегардад. Зиндагӣ бидуни он ғайри имкон буда, маънии худро гум менамояд. Зеро, он аз модар сарчашма гирифта, бо нахустин суханони олиҳиммату соддаи ӯ оғоз меёбад.

Эҳтиром гузошта ба забони давлатӣ, ки забони модарӣ низ меноманд, вазифаи ҳар фарди соҳибватану хештаншинос махсуб меёбад. Бо дарназадошти ин моро мебояд баҳри покиза нигоҳ доштани забони давлатии худ тамоми ҳастиамонро сафарбар намуда, нагузорем то ба он олудагие ворид бигардад. Мутаассифона, имрӯз ба мушоҳида мерасад, ки баъзан ҷавонон бо омезиши забонҳо гап мезананд, яъне гӯё донандаи чандин забонҳоянд. Аммо, дар асл аз ягон забон маълумоти зарурӣ надошта, сухан ронда ҳам наметавонанд. Аз ин рӯ, лозим аст, ки мо, махсусан насли ҷавон ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем, зеро оянди давлату миллат маҳз дар дасти мост. Покизагии забон имкон фароҳам меорад, ки мо онро ба наслҳои баъдӣ низ тозаву покиза ба мерос гузорем. Имрӯз забонҳое мавҷуданд, ки дар ҳоли нестшавӣ қарор доранд ва омили асосии он низ дар ҳамин аст. Бо ин мақсад моро месазад баҳри пояндаву ҷовид нигоҳ доштани забони худ талоши беш намоем. Рӯзи забони тоҷикӣ ба тамоми мардуми шарафманду сарбаланди тоҷик фархунда бод!

**Шамшод АБДУЛҲАҚОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Забон аввалин ва муҳимтарин пояи ҳастии миллат ба шумор меравад ва яке аз роҳҳои асосии таҳкими ваҳдати ягонагии миллатҳои гуногуни дунё низ мебошад. Забон нишондиҳандаи фарҳангу тамаддуни миллат буда, дар рушди давлатдории миллӣ низ нақши намоён дорад. Аслан, забон нишонаи асосии миллат ва пояи арзишманди давлатдорӣ дар ваҳдат, ягонагӣ ва умумияти миллист. Таърихи башарият, махсусан таърихи давлатдории орийӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои бостонии мо ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки барои устувор сохтани пояҳои давлатдорӣ ва ба вуҷуд овардану мустаҳкам сохтани давлатдории миллӣ



ва ваҳдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода бурда, барои густариши забони модарии марзу буми хеш тадбирҳои мушаххас андешанд.

Забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Истиқлолият барои рушду ташаккули фарогирии забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ шароити мусоидро муҳайё кардааст. Маҳз дар ин давраи таърихи давлатдории навин забони миллӣ ҳамчун неру ва омили муҳимми иттиҳоди миллату халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ пазируфта ва шинохта шуд.

Забон дар ҳамаи давру замонҳо як сутуни давлатдорӣ буд. Аз рӯи назари сарварони давлат бе забон ҳадафҳои сиёсӣ муайян намегардид. Нуктаи назари сарвар ва ходимони давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият, тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо ва роҳу воситаҳои иҷрои он тадбирҳо сиёсати забонро дар мамлакат фароҳам меорад.

**Комрон ОДИНАЕВ**
**донишҷӯи соли 2**

Забони тоҷикӣ ҳамчун омили муҳимми пойдории миллат ва давлатдории миллӣ аз ҷониби давлат ҳимоя ва нигаҳдорӣ мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати давлат дар бораи забон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири сиёсати давлатӣ дар таъмини рушди бомароми забони давлатӣ ва забонҳои дигари ҷумҳурӣ равона шудааст. Забон ва таърихи халқ бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд, бахусус таърихи қадимаи халқи мо аз рӯи далелҳои забонӣ маънидод шудаанд. Забони тоҷикӣ василаи маҳфуз доштани мероси гаронбаҳои маънавии беш аз ҳазорсолаи халқи тоҷик аст. Забони тоҷикӣ яке аз чаҳор аломати шинохти миллати тоҷик мебошад. Аз минбарҳои баланди созмонҳои байналмилалӣ садо додани забони тоҷикӣ эҳсосот ва шарафи моро нисбат ба забони тоҷикӣ дучанд



намуда, масъулиятамонро меафзояд. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди ватандӯсти тоҷик бояд баҳри пойдорӣ ва ҳифзи муҳимтарин арзиши миллӣ – забони тоҷикӣ мусоидат кунад.

# ТАҲЛИЛИ САБАБ ВА ШАРОИТҲОИ СОДИРШАВИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО ДАР САМТИ ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМҲО



Машраби ДАВРОН
аспиранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои ҶТ

Қабул гардидани Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» ва татбиқи он дар ҳаёти мардум аз лиҳози омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ бисёр бамаврид буда, аз тарафи шаҳрвандон хеле хуб пазируфта шуд. Таҷрибаи амали 12-солаи қонун нишон дод, ки зиёдаравӣ дар баргузории ҷашну маросимҳо яке аз сабабҳои асосии шароити ногуворӣ оиладорӣ, сатҳи пасти зиндагӣ ва гирифтории қарзҳои вазнин шудани шаҳрвандон будааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 1999 ҳангоми суханронии худ дар маҷлиси умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои халқӣ зикр намудаанд, ки «мушкилоти ҷомеаи мо имрӯз танҳо аз проблемаҳои иқтисодӣ ва роҳу равиши ислоҳоти онҳо иборат нест, балки дар рӯ ба рӯи мо як қатор масъалаҳои ҳалталаби маънавӣ истодаанд, ки ба афкори пешрафтаи ҷомеа ва тафаккури созанда ниёз доранд. Ислоҳи ин мушкилот, ба гумони ман, масрафи иловагӣ талаб намекунад, балки боиси сарфи маблағ, осудаҳолии рӯзгори мардум ва болоравии сатҳи маънавиёти халқ мегардад».

Маҳз бо талошҳои бевоситаи роҳбари давлат 8 июни соли 2007 Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» қабул гардид, ки ин дар таҷрибаи қонунэҷодкунии на танҳо Тоҷикистон, балки берун аз он низ падидаи нав мебошад. Бо қабули қонуни мазкур кишвари азизи мо ба марҳалаи нави таърихӣ ворид гардида, мардум аз хурофотзадагӣ раҳо ёфта, бо сарфаю сариштаи маблағҳои буҷаи оилавӣ машғул гардида, шароити арзандаи зиндагӣ барои онҳо фароҳам гардид. Вале дида мешавад, ки то ҳол аз ҷониби гурӯҳи муайяни шаҳрвандон бо ҳиссиёти такаббурӣ ва худхоҳӣ муқаррароти қонуни мазкур вайрон карда мешавад. Чунончи, агар дар соли 2008 172 ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ дар ин самт ба қайд гирифта шуда бошад, пас ин рақам дар соли 2009 ба 221 мерасад, ки наздик ба 30% тамоили болоравӣ доштааст.

Гарчанде ки соли 2009 тарғибу ташвиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» васеъ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, вале сабаб дар чӣ бошад, ки наздик ба як баробар ҳолати қонунвайронкунӣ дар ин самт зиёд гардидааст?

**Ба андешаи мо назари илмии ин масоил чунин аст:**

**1. Мусолиҳакорӣ ва аз мадди назари аъзоёни комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, кормандони бахши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ва Раёсат дур мондани як қатор қонуншиканиҳо;**

**2. Аз ҷониби шаҳрвандон дуруст дарк накардани аҳаммияти қонун;**

**3. Аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо барои корҳои ғайр истифода бурдани кормандони бахши танзими анъана ва ҷашну маросим ва сармутахассисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мебошад.**

Ин омилҳо боис гардиданд, ки ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт тамоюли болоравӣ дошта бошанд. Масалан, тарабхонаҳои шаҳри Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар) дар нимсолаи аввали соли 2009 аз ҳунукназарии комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳои вилояти Хатлон сӯистифода намуда, мунтазам бо маслиҳати тарафайн бо соҳибони маъракаи дар толорҳои иловагӣ аз теъдоди муқарраршуда аз 30 то 80 нафар меҳмонони иловагӣ қабул мекардаанд, ки аз ҷониби Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеши роҳи ин амалҳои номатлуб гирифта шуд.

Дар соли 2010 ин вазъ беҳтар гардида, нисбат ба соли 2009 64 ҳуқуқвайронкунӣ кам, яъне танҳо 157 ҳолати вайронкунии қонуни мазкур ба қайд гирифта шуд, ки ин пеш аз ҳама аз фаъолияти самараноки Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии амиқ дорад. Аз ин 157 маводе, ки дар мақомоти судӣ дар соли 2010 барои вайронкунии талаботи қонуни мазкур баррасӣ гардидааст, судҳои ҷумҳурӣ 147 нафарро ба ҷавобгарӣ кашида, ба маблағи 763 875 сомонӣ ҷарима рӯёнидаанд. Дар ин сол, аз ҷониби Раёсати мазкур 42 мизҳои мудаввар ва семинарҳои умумиҷумҳуриявӣ, 22 вохӯрӣ бо комиссияҳои ҷамъиятӣ ва дар 18 вазорату идораҳои давлатию зерсохторҳои онҳо санҷишҳо гузаронида шуд, ки дар натиҷа омори қонунвайронкунӣ дар ин самт нисбат ба солҳои пешин кам гардид.

Нишондодҳои оморӣ муайян менамоянд, ки дар соли 2011 ба судҳои ҷумҳурӣ 238 мавод оид ба вайрон намудани талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» ворид гардидааст, ки аз он 207 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, 576 890 сомонӣ ҷарима рӯёнида шудааст. Аз парвандаҳои баррасигардида 31 адад мавод дар истеҳсолоти судҳо қатъ карда шудааст. Маълумотҳои омори нишон медиҳанд, ки аксарияти қонунвайронкуниҳои содиршуда риоя накардани моддаи 8 қонуни танзим, яъне дар тарабхонаю марказҳои дилхушӣ доир намудани зодрӯз бо шумораи зиёдӣ одамон ва омода намудани чандин навъи таом мебошад.

**Соли 2018 аз 119170 маъракаҳои гузаронидашуда ба 648 мавод аз ҷониби кормандони мақомоти ваколатдор оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим ва мақомоти прокуратура ба судҳои ҷумҳурӣ ирсол карда шуд.**

**Ин нишондод нисбат ба соли 2017 100 ҳолат кам гардидааст.**

Ин пешравӣ маҳз аз фаъолияти самараноки мақоми ваколатдор оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва комиссияҳои доимӣ (499 адад комиссия) ва комиссияҳои ҷамъиятӣ (7857 адад комиссия) мебошад. Дар воқеъ, ҳангоми дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ фаъолият намудани сохторҳои мазкур метавон дар самти кам намудани ҳолати вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим ба натиҷаҳои назаррас ноил гардем.

# НАЗОРАТИ КОНСТИТУТСИОНӢ



Шерафган САФАРОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

**Яке аз сохторҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ин шохаи ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар моддаи 84-уми Конститутсияи ҶТ низоми мақомоти судӣ муқаррар гардидааст ва мақоми аввалро дар ин самт Суди конститутсионӣ соҳиб аст, ки бевосита дар давраи соҳибистиқлолии ҶТ таъсис ёфтааст.**

Суди конститутсионии ҶТ тибқи Конститутсияи ҶТ мақоми назорати конститутсионӣ ба шумор рафта, меъёрҳои Конститутсияро ҳифз менамояд. Яъне Суди конститутсионӣ бо мақсади амалӣ намудани назорати конститутсионӣ таъсис гардидааст, ки яке аз махсусиятҳои давлати ҳуқуқбунёд ба шумор меравад.

Назорати конститутсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки давлатҳои муосир ба ҳисоб рафта, бахри ҳифзи меъёрҳои Конститутсия, яъне муайян намудани мувофиқатии санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба Конститутсия равона карда шудааст. Тавре ки дар боло зикр намудем, дар ҶТ мақоми ваколатдори назорати конститутсионӣ амал мекунад. Ҳамзамон, дар ин раванд дигар мақомоти давлатӣ аз қабили: ҳокимияти иҷроия, судҳои салоҳиятшон умумӣ ва прокуратура вуҷуд доранд, ки ба тариқи умумӣ назорати конститутсиониро амалӣ менамоянд.

Дар давраи соҳибистиқлолии ҶТ қонунгузории танзимкунандаи падидаи назорати конститутсионӣ инкишоф ёфт. Зеро дар ин раванд, санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба падидаи назорати конститутсионӣ таҳия ва қабул гардиданд. Дар низоми қонунгузории назорати конститутсионӣ мавқеи Конститутсияи ҶТ асосӣ ва муҳим аст. Зеро дар сатҳи меъёрҳои Конститутсия муқаррарот вобаста ба ин падида муқаррар гардидааст. Дар моддаи 89-и Конститутсия ин масъала инъикос гардидааст ба назорати конститутсиониро чун салоҳияти Суди конститутсионӣ муқаррар менамояд. Бинобар ҳамин, Конститутсияи ҶТ ҳамчун қонуни асосии кишвар дар радифи дигар муносибатҳои дахлдори давлатию ҷамъиятӣ ба амал баровардани назорати конститутсиониро низ мустаҳкам намудааст.



Санади меъёрии ҳуқуқие, ки бевосита паҳлуҳои алоҳидаи падидаи назорати конститутсиониро мустаҳкам менамояд, ин Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» мебошад. Қобили зикри хос аст, ки дар ҶТ ду маротиба Қонуни конститутсионии мазкур қабул гардидааст: бори аввал аз 3 ноябри соли 1995 ва маротибаи дуюм 26 июли соли 2014. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» аз соли 2014 бо назардошти тағйироти дахлдор дар сатҳи ташкил ва фаъолияти Суди конститутсионӣ ва мурофиаи судии конститутсионӣ таҳия ва қабул гардидааст. Қонуни конститутсионии мазкур аз 15 боб ва 86 модда иборат мебошад. Аз лиҳози оне ки Суди конститутсионии ҶТ ҳамчун мақомоти ваколатдори назорати конститутсионӣ ба шумор меравад роҳнамо ба муайянкунандаи фаъолияти он Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» махсуб меёбад.

Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки қонунгузории назорати конститутсионӣ – ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда ва муқарраркунандаи падидаи назорати конститутсионӣ мебошанд.

# ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ХУДКУШӢ ДАР ҶОМЕА

Масъалаи худкушии ноболиғону ҷавонон дар ҳудуди собиқ кишварҳои шӯравӣ ҳамаро ба шигифт овардааст, ки мутаассифона Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз он истисно нест.

Яке аз сабабҳои худкушӣ ва худсӯзӣ аз ҷониби хонандагон ин на бемории онҳост, чуноне ки бархе аз андешаҳо дар ин хусус вуҷуд доранд, балки сатҳи пасти дониши баъзе аз роҳбарону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, падару модарон ва аъзои ҷомеа мебошад (албатта, роҳбарону омӯзгорони донишманд ва бузург низ зиёд дорем ва онҳо боиси шодкомию ифтихори мо ҳастанд). Тавре ки иброз доштем, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баъзе аз роҳбарон коллективи калони омӯзгоронро роҳбарӣ мекунанд, ки қисман аз илми педагогика ва психология, хоссатан психологияи ноболиғон дур буда, дониши зарурӣ надоранд ва ҳамчунин онро на ҳама вақт такмил медиҳанд.

Хотиррасон бояд намуд, ки синну соли наврасӣ, яъне аз 13-14 солагӣ то 17-18-солагӣ синну соли басо мушкил ва мураккаб дар ҳаёти инсонӣ арзёбӣ мешавад. Ин синну соле ҳаст, ки тибқи таҷрибаи дар дастурамали Прокуратураи генералии ИҶШС омада, наврас аз лиҳози ҷисмонӣ ва афзоиши физиологӣ нисбат ба афзоиши ақлонӣ хело пеш меравад, қад мекашад, мӯйлаб сиёҳ мекунад ва дар ин асос дар ҷомеа духтаракону писаракон ҷою мавқеи худ, яъне ба ибораи дигар»МАН»-и худро меҷӯянд. Онҳо ба оинаи ҷаҳнамо нигоҳ карда худро калонсол меҳисобанд ва як сухани беҷои падару модар, омӯзгорону калонсолон онҳоро ба яъсу ноумедӣ ва ба кӯчаи сарбаста бурда, умеди ояндаи онҳоро бо андешаи кӯдаконаи ҳанӯз шаклнагирифташон баварта мебарад.

Онҳо намедонанд, чӣ кор кунанд, аз кӣ мадад пурсанд, худро дар ҷомеа нодаркор мешуморанд ва ба гуфти педагоги барҷаста Сухомлинский дар чунин ҳолатҳо наврас дар сероҳае қарор мегирад, як сӯ роҳ ба сӯи оламӣ ҷиноят, як сӯ роҳ ба сӯи худкушӣ ва роҳи дигар роҳи номаълум боқӣ мемонад. Дар чунин ҳолатҳо, падару модар, аҳли ҷамоатчигӣ, калонсолон, омӯзгорон бояд бо хонанда тавре рафтор намоянд, ки боварии ӯро ба худу ояндааш мустаҳкам намуда, ӯро ба роҳи сеюми номаълум, ки оянда ин роҳи ҳаёти боварӣ ба сӯи куллаҳои умед мегардад, равона намоянд.

Мутаассифона, ана аз ҳамин гуна донишҳои психологию педагогӣ баъзе аз аъзои ҷомеаи мо, сар карда аз омӯзгорон то падару модару калонсолону мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахравар нестанд. Аз ин рӯ, сол то сол чунин худкӯшиҳо, алалхусус дар байни ноболиғону наврасон зиёд мегардаду доғи ҷомеа мешаванд.

Чунин ҳол ду сол пеш дар яке аз мактабҳои шаҳри Ҳисор низ рух дода буд. Муаллимаи ҷавон бар асари надонистани илми педагогика ва психология, хоссатан психологияи кӯдакон хонандаеро дар дарс ҷанҷол намуда, ибноз медорад, ки фардо бе падару модарат ба мактаб набиёед! Рӯзи дигар ин наврас ба дарс бе падару модар ҳозир мешавад ва ин муаллима ӯро бо дуғу даранг аз дарс пеш карда, барои овардани волидайн мефиристад. Наврас ба хонаашон баргашта, ягона роҳи халосии худро дар оғилхона ба дор овехтани худ мебинад. Агар ин омӯзгор саводи казоии педагогие медошт, мефаҳмид, ки аз педагогика ва муносибат бо наврасон чи гуна бояд кор гирифт. Ҳеҷ гоҳ хонандаи наврасро барои овардани волидайн ба дарс назди ҳамсинфон таҳқир намекард.

Хавфнокии ин корро аз асарҳои педагогҳои машҳури ҷаҳонӣ Ушинский, Макаренко, Сухомлинский, Дюи, Монтесари, Керштенштейнер ва дигарон зуд ҳис мекард. Сухан инҷост, ки ин муаллима агар бо асарҳои педагогии ин шахсиятҳои бузург шинос мебуд, ҳеҷ гоҳ даст ба ҷинояти «Ба худкушӣ расонидан» - и шогирдаш (моддаи 109 Кодекси ҷиноятии ҶТ) намезад. Санҷишҳои пайвастаи камина дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии вилояти Хатлон муайян намуд, ки аксар муаллимони ҷавон аз асарҳои олимони илми педагогика ва психология




бахравар нестанд. Ин боис шуда, ки банда ба ҷопи мақолаҳо оид ба ҳаёту фаъолияти педагогҳои барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ Ушинский, Сухомлинский (Макаренко, Дюи, Монтесари, Керштенштейрн – ин ҷоргонаи қавсайн андешаи педагогии башариятро барои асри XX ва асри XXI ба вуҷуд овардаанд) барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии вилоят шурӯъ намуда, оид ба ҳаёту фаъолияти педагогии онҳо бо аксҳояшон дар нашриёҳои даврии маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ мақолаҳо ҷоп кунам.

Педагог, навовари маъруфи тоҷик, директори мактаб-интернати №1 ба номи Сталин (баъдан ба номи Саъдии Шерозӣ) Давлатҷон Зайниддинов дар ёддошҳои педагогии худ менигорад: «Дасти шикаста кор мекунаду дили шикаста не!» Оре, дар ин сухани педагоги маъруфи миллат ҳазорон ҳикмат нуҳуфтааст. Маҳз яъсу ноумедӣ, сухани дурушт ва таҳқир, хосатан наврасонро ба худкушию худсӯзӣ ва ё ба оламӣ ҷиноят раҳнамуд месозад.

Соле пеш бар асари амали дағалонаи падарандари сангдил духтараки ҷаҳордаҳсола, хонандаи яке аз мактабҳои шаҳри Кӯлоб дар ташнобӣ хонаашон даст ба худкушӣ зад. Инҷо бетаваҷҷуҳии мактаб, ҳамсояҳо, дӯстон, аҳли ҷамъиятчигии шаҳр хуб ба назар мерасад. Ҳама медонистанд, ки падарандари сангдил аз ҳисоби бадбинии ин наврасӣ масъум шабҳои тори зимистон, ин духтари ноболиғро ба кӯча пеш мекард ва ӯ соатҳои дароз дар кӯча, дар хунукӣ меистод ва ба суоли ҳамсояҳои «раҳмдил», ки ба хонаи онҳо даромада гарм шавад ҷавоб медод, ки метарсад, ӯро падарандараш барои ба хонаи онҳо даромадан лату кӯб ҳоҳад кард. Суол ин ҷост, ки ин ҳамсояҳо ҷаро ба мақомотҳои даҳлдор амсоли прокуратура, милиса, кумитаи кор бо занон, кор бо ноболиғон хабар надоданд?

Нозири минтақавии маҳалла ба кӯҷо менигарист? Омӯзгорону аҳли зиёи ин кӯча, муллои маҳалла кӯҷоро назора мекарданд?! Оё шарт буд, ки ҳамин гуларӯсаки нозанини оянда, худро дар айёми баҳорон бо ҳазорон ормонҳои наврасӣ ба дор кашад ва баъдан муттаҳами ин амал парвандаи ҷиноятияш ғайриқонунӣ аз тарафи судяи беларвофалаке қатъ шавад. Танҳо баъди ба таври назорати омӯхта баромадани ин парвандаи ҷиноятӣ ва ба ҳукми ғайриқонунии он эътироз овардани прокурори вилояти Хатлон, баъдан ин ҷинояткор бо моддаҳои 109 қисми 2 (ба худкушӣ расонидани ноболиғ) ва 170 КҶ ҶТ(дузанагӣ) ба ҷавобгарӣ кашида шавад ва барои ба худкушӣ расонидани ноболиғ ба мӯҳлати 5 сол ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ таъин карда шуда, бо тадбиқи моддаи 71 КҶ ҶТ ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ бинобар ҷинояти вазнин набудани ҷинояти ба худкушӣ расонидани ноболиғ он тадбиқ нагашта, бо моддаи 170 КҶ ҶТ барои дузанагӣ ба маблағи 5000 ҳазор сомонӣ ба фоидаи давлат ҷазо таъин карда шавад! Кучост ин ҷо адолату кучост инҷо мантиқи шарафи одамӣ?!

Инҷо бояд қонунгузор бо тамоми нозукиҳои қонун ҳуқуқҳои ноболиғонро ҳатман ҳимоя намояд ва хосатан аз он, ки дар ҷомеаи имрӯза кам нестанд ходисаҳои даст ба худкушӣ задани ноболиғони ҳатто 11-12-сола! Муҷиби зиёди ин амалхо ва эътирози ин ноболиғон бешаку шубҳа аз тарафи калонсолон рух медиҳад ва баъди рафторҳои берахмонаи калонсолони «боақл» ноболиғон ба ин роҳи торик меравад!

Ба назари камина ҳамчун ҳуқуқшинос санксияи ҷазои моддаи 109 КҶ ҶТ (қисмҳои 1 ва 2) ба бознигарии сахт ниёз дорад. Ба калонсолони ин ҷиноятро нисбати ноболиғон содирнамуда на камтар аз 15-20 сол ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ бояд тадбиқ гардад. Дар чунин ҳолат будани санксияи ин модда таҳқирест



Зайниддин ВАРҚА
Ёвари калони прокурори вилояти Хатлон,
мушовири адлияи дараҷаи 1

нисбати кулли ноболиғони кишвар! Зеро аввалан, онҳо аз лиҳози равонӣ худро идора карда наметавонанд ва баъдан калонсоли «боақл», ки қонунро мефаҳмад дидаю дониста ӯро ба худкушӣ тела медиҳад, пасон бо сабаби шартан тадбиқ накардани ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ ин ҷинояткор, ки дар «одамкушияш» шаке нест бо роҳҳои чи коррупсионӣ ва чи қонунӣ ба озодӣ мебароял, кучост ин ҷо адлу адолати судӣ?!

Аз ин рӯ, бо психологияи наврасон, махсус бо таваҷҷуҳ ва ҷиддиёна бояд рафтор кард. Беҳуда Макаренко омӯзгоронро «Муҳандиси руҳи одамизод» наномида буд.

Бо дарназардошти ин, ба ин масъала дар ҷомеа бояд диққати махсус дода, дар мактабу муассисаҳо штатҳои кории психологҳо, психолог-педагогҳо бояд ҷой ва мавқеи худро дар шароити имрӯза дошта бошанд. Албатта, худкушию худсӯзӣ боз дигар омилҳои худро низ доранд. Аз қабили омилҳои ҷаҳонишавӣ, муҳоҷират, интернет ва намоишҳои гуногуни аз одоби тоҷикӣ фарсаххо дур ва ғ. Ба вуҷуд омадани нобаробариҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, бахусус дар байни наврасон, авҷ гирифтану яккатозии омилҳои коррупсионӣ дар ҷомеа, хоссатан дар соҳаи маориф, ба дараҷаи дуюм, сеюм ва ҳатто ноҷиз афтидани донишу ахлоқу фарди донишманд дар ҷомеа ва ба ҷои аввал баромадани олами сармояи пулу молӣ, авҷ гирифтани бемориҳои равонӣ дар ҷомеа (гарчанде, фикр мекунам, ки нишондиҳандаи онҳо дар сари масъалаи худкушию худсӯзӣ пурра нестанд ва он тадқиқи касбии худро меҳоҳад ва ин омил набояд он қадар зиёд бошад). Тибқи навиштаҳои прокурор ва олиму адиби сатҳи ҷаҳонӣ, устод Анатолий Фёдрович Кони худкушӣ ин як навъ эътироз дар ҷомеа ҳаст, чун инсон дар ҷомеа бо мушкилот ва дардҳои доштаи худ танҳо мемонад ва адлу адолату меҳрубониро аз ҷониби касеву ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳис намекунад, ахиран даст ба чунин амали нангин мезанад.

Дар ин асос, гузаронидани машғулиятҳо бо хондани маърӯзаҳои таҷрибаи касбии судию прокурорӣ бо роҳбарону омӯзгорони таҷрибаю малака камдошта ва умуман, кулли маорифчиён аз манфиат холӣ наход буд.

Вазорати маорифи кишвар ба ин масъала бояд диққати ҷиддӣ диҳад!

# МАҚОМИ ЗАН-МОДАР ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

**Зан-модар мураббии фарзандон ва нигоҳдорандаи чароғи маънавии хонадон ба ҳисоб меравад. Зан-модар чи мафҳуми дилнишинест, ки ҳангоми ба забон овардани он дидаҳо пур аз нуру сурур мегардад, зеро зан-модар қимматтарин неъмати дунёву сарчашмаи неъмати беканор ва ҳимматбаландтарин шахсият дар олами ҳастӣ аст. Зан-модар олиҳаи нотакрори зиндагӣ, давомдиҳандаи насли инсон ва чароғи фурӯзони ҳар хонадон аст. Агар мо ба вожаи зан ва оила назар афканем, дар ин ду истилоҳ мебинем, ки ин мафҳумҳо ба ҳам наздикӣ ва қаробат доранд.**

Лозим ба ёдоварист, ки Сарвари давлат бо сиёсати пешгирифтаи хеш консепсияи танзими оиларо пешниҳод намудааст, ки дар он фарогирии тамоми масъалаҳои муҳимми зиндагӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ахлоқиву маънавӣ нигаронида шудааст. Аз ин ҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб, ки дар бештари паёму суханрониҳояшон ҷойгоҳ ва манзалату нуфузу эътибори зан-модарро баланд бардошта, сахми онҳоро барои тарбияи дурусти фарзандон ва ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо дар ҷомеаи имрӯза муҳим ва зарур мехисобад.

Муҳимтарин коре, ки инсон дар умри пурбаракати худ анҷом медиҳад, бунёди оилаи устувор мебошад. Оила муҳитест, ки шахс дар он худро аз ниёзҳои инсонӣ бархурдор мегардонад. Яъне ҳар як инсон дар муҳити оилаи хеш, албатта анъанаҳои табиии ба вуҷуд овардаи насларо идома дода, ба воситаи оила ба ҷомеа мепайвандад ва шахсияту ҳуввияти хешро касб менамояд.

Истиқлолияти ҶТ дар кору фаъолият ва ҳаёти имрӯзаи занҳои тоҷик имконотҳои васеъ ва шароитҳои беҳтаринеро фароҳам овардааст. Барои макаммал гардонидани гуфтаҳои хеш лозим медонем аз китоби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки «Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад» ном дорад, нуктаеро чун иқтибос пешкаши хонандаи азиз гардонем: «Ғамхорӣ, дар ҳаққи занон ва ҳарчи бештар ҷалб намудани онҳо ба корҳои ҷомеа ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати ҷумҳурӣ аст».

Албатта ҷомеаи муосири имрӯзаро бе зан-модар тасаввур кардан имконнопазир мебошад. Ба ин хотир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёмашон ба маврид зикр намудаанд: «Ҳуқумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хосса зоҳир менамояд ва дар якчанд барномаи давлатӣ, стратегия, консепсияҳои дурнамои фаъолияти занон, нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа, пойдориву устувории оила таъкид намудааст. Мо ин сиёсатро дар оянда низ давом дода, занонро ҳамчун чароғи оила, неруи созандаи ҷомеа, ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ дастгирӣ менамоем ва дар сохтору мақомоти давлатӣ сафи онҳоро бештар мегардонем».

Оила рукни табиӣ ва асосии ҷамъият буда, нахустин мактаб ва ҷойи асосии тарбия, маконӣ асосии фарҳангу тамаддун, одобу суннатҳои миллиро омӯхта, дар онҷо арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ аз як насл ба насли дигарро паси сар менамояд. Дуруст аст, ки дар оила зан-модар мураббӣ ва тарбиятдиҳандаи фарзанд ба шумор рафта, кӯдак хушҳолӣ, худдорӣ, бурдборӣ, масъулиятшиносӣ ва ахлоқи баланди дурусти инсониро омӯхта, инкишоф ва такомул меёбад. Албатта, кӯдак дар оила такмил ёфта, зиндагииояндаи хешро муайян намуда, нахустин сарчашмаи хубӣ ва бадии ҷомеаро диди назар намуда, ҳар гуна хайру баракат неъмату саодати ҷомеаро ба чашми сар мушоҳида намуда, дар ҷамъияти дорои сифатҳои гуногун ва ба худ хос ба воя мерасад.



Нуроншоҳ РАҲМОНЗОДА
ассистенти кафедраи
забонҳои хориҷӣ

Люис Морган муҳаққиқи машҳури амрикоӣ ташаккулу инкишофи оиларо ба рушди ҷамъият вобаста карда, қайд мекунад, ки оила ҳеҷ вақт бетағйир набуда, ҳамсон бо инкишофи ҷамъият аз шакли пасттар ба шакли олӣ гузариш кардааст.

Дар замони муосир оила чун як ниҳоди муҳимми ҷамъиятӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва давлатҳо мавриди дастгирӣ ва ҳимоя қарор гирифтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оила ҳам дар сатҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам дар доираи муносибатҳое, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим шудаанд, дорои арзишҳои баланд мебошад. Дар моддаи 33 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Қабули санадҳои гуногуни ҳуқуқӣ фарогири ана ҳамин гуфтаҳо мебошанд.

Мо агар хоҳем, ки дар ҳақиқат як ҷомеаи пешрафта бунёд намоем, бояд оилаҳои солим дошта бошем, зеро ки оила таҳкурсии асосии ҷомеа ба шумор меравад.

# АНДЕШАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ОСОРИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ



Сарвиноз ЁҚУБОВА
донишҷӯи соли 2

**Дар ақсои олам бигаштам басе,**
**Ба сар бурдам айём бо ҳар касе.**
**Таматтуъ зи ҳар гӯшае ёфтам,**
**Зи ҳар хирмане хӯшае ёфтам.**

Саъдии Шерозӣ яке аз шоирон ва мутафаккирони бузурги асри XII ба ҳисоб рафта, мероси адабии бисёр рангину ғанӣ дорад. Эҷодиёти ӯ мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегирад. Аз ҷумла, панду ахлоқӣ, дӯстиву рафоқат, илм ва амал, забону сухан, одоби сухангӯӣ, адлу адолат, инсондӯстӣ, некию бадӣ ва ғ.

Ҳуқуқи инсон яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти шоир ба ҳисоб рафта, дар асарҳои машҳури ӯ, ки «Гулистон» ва «Бӯстон « мебошанд, андешаҳои худро баён кардааст.

Дар «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ масъалаҳои адлу дод, некию хубӣ, эҳсону ҷавонмардӣ, хоксорӣ, қаноату офият, тани дуруст, шафқату мурувват, номи нек ва амсоли онро пеш гузошта, бар зидди зулму ситам, худписандию ғурур, такаббур, ҷаҳлу нодонӣ ва хиёнат мебарояд. Ӯ мардумро ба фаъолиятмандӣ ва ғамхорӣ нисбат ба аҳли меҳнат даъват намуда, дар ҳама маврид ҳимояи манфиати халқро фарз мешуморад. Ин гуна мулоҳизаҳо ва таълимоти Саъдӣ, ки қадри баланди инсонро ситоиш намуда, ифодаи орзую омоли халқ буданд, имрӯз ҳам аҳаммияти худро нигоҳ дошта меояд.

Ғояи асосии боби аввали «Бӯстон»-ро, ки «Дар адл ва рои ҷаҳондорӣ» мебошад, шарҳи мақому ҳокими раият, муносибати ин ҳарду ба якдигар ва уҳдадорию вазифаи онҳоро ба ҳамдигар ташкил мекунад. Ба андешаи Саъдӣ султон дарахту шаҳрвандон бехи он дарахтанд.

**Раият чу беханду султон дарахт,**
**Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт!**

Ҳифзи ном ва нангу номуси мардум вазифаи подшоҳу ҳоким аст. Инсониятро Саъдӣ аз рӯи нажод, оину мазҳаб ва забону кишвар ҷудо намекунад. Дар пеши марг ҳамаи онҳо баробаранд. Шоир таълим медиҳад, ки фақат инсони соҳибхирад аз ҳайвон авлотар буда, инсоне, ки халқро азоб медиҳад, аз ҳайвони даранда бадтар аст.

Ба ақидаи Саъдӣ ситамгар нест карда шавад, зеро бо ситам ҷазо додани ситамгар худ адолат аст.

**Ҷафопешагонро бидеҳ сар ба бод,**
**Ситам бар ситампеша адл асту дод.**

Саъдӣ пуштибон ва хайрхоҳи мазлумон аст. Шоир тарафдори подшоҳи одили маорифпарвар мебошад. Ба ҳамин мазмун, асари дигари ин муттафакири бузург, яъне



«Гулистон» мебошад, ки боби якуми он «Дар сирати подшоҳон» ном гирифта, моҳияти адлро аз рӯи андешаи худи шоир дуруст мекушояд. Мувофиқи ақидаи муаллиф адолат беҳтарин сифати подшоҳон аст. Инсондӯстӣ, раиятнавозӣ ва фукаропарварии подшоҳон ҳама ба адли онҳо вобаста аст. Аз рӯи талаби Саъдӣ подшоҳи одил бояд барои ободии кишвар кӯшад, хазинаро эҳтиёт кунад, дар қаламрави худ илму ҳунарро равнақ диҳад, мададгори пиронӣ бенавоён ва дастгири ятимону муҳтоҷон бошад, инчунин бояд аз хашму ғазаб ва қаҳру худписандӣ бар ҳазар бошад.

Ба андешаи Саъдӣ ҷазо додани гунаҳгор айни савоб аст. Лекин ҷазо ҳатман бояд, ки ба андозаи гуноҳ бошад. Ҳоло низ дар Қонунгузории ҶТ барои ҷиноятҳои сабук ҷазоҳои сабук ва барои ҷиноятҳои вазнин ҷазоҳои вазнин муқаррар шудааст.

Бо вуҷуди ин, шоир пайваста таъкид менамояд: «Раҳм овардан ба бадон ситам аст бар некон ва авф кардан ба золимон ҷабр аст ба мазлумон. Ҷафокорону золимон ва бадкирдорон сазовори авфу марҳамат нестанд.

Тамоми эҷодиёти Саъдӣ ба ситоиши инсон нигаронида шудааст. Дар афкори инсондӯстонаи Саъдӣ ақидаи ӯ дар бораи мақоми инсон дар олами мавҷудот басе ҷолиби диққат аст. Дар замоне, ки инсон ҳору залил буд ва ҳуни бегуноҳон заминро рангин мекард, шоир қадру манзалати инсонро ба осмонҳо мебардорад. Ӯ таълимотеро пайравӣ мекунад, ки инсон зубдаи мавҷудот ва гули офариниш аст. Ҳамаи инсонҳо аз як ҷавҳар офарида шудаанд. Онҳо бояд бародар ва ғамхори якдигар буда, дар ғаму шодии якдигар шарик бошанд. Чунончи:

**Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**
**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**

## ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, дотсент Назаров Аваз нисбат ба вафоти
**МОДАРАШ**
изҳори тасаллият менамоянд.

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ Назарова Зарина нисбат ба вафоти
**МОДАРАШ**
изҳори тасаллият менамоянд.

# РОҒУН ШАРАФ АСТ, ҲАДАФ АСТ...

**РОҒУН ҲАСТИИ МИЛЛАТИ МО ВА ҲАЁТУ МАМОТИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН АСТ.**
**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**



Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидро-энергетикӣ ва оби тоза мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи масоҳат дар дунё ҷои 85-умро ишғол намуда, вале аз рӯи захираҳои энергетикаи обӣ баъд аз Чин, Руссия, ИМА, Бразилия, Алҷазоир, Ҳиндустон ва Канада дар ҷои 8-ум қарор дорад.

Дар ҳавзу обанборҳои Тоҷикистон 45,3 км3 захираи об мавҷуд аст. Захираи оби ошомидании кишвари мо 19,3 км3-ро ташкил дода, манбаҳои обҳои зеризаминӣ бошад ба 51,2 км3 мерасад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бепоёни манбаҳои гидроэнергетикӣ буда, аз рӯи бузургии ҳаҷми умумии онҳо дар ҷаҳон ҷои намоёнро аз рӯи ҳаҷми киёсии захираҳо ҷои аввалу дуввумро ишғол мекунад. Захираи умумии солонаи потенсиалии энергияи барқи обӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 527 млрд. кВт. соатро ташкил медиҳад, ки аз он танҳо зиёда аз 5-7 % -аш мавриди истифода қарор гирифтааст. Яке аз он НБО-и Норак ба ҳисоб меравад, ки дар дарёи Вахш ҷойгир шуда, миқдори қувваaш 3000Мвт-ро ташкил медиҳад, НБО Сангтуда 1 миқдори қувваш 670Мвт ва Сангтӯда 2 миқдори қувваш 220 Мвт ва Роғун 3600Мвт ва ғ. ташкил медиҳад.

Муҳити экологии ҶТ беҳтар барои коркарди қувваи барқ мусоидат мекунад ва Тоҷикистон бо истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои обӣ дар таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ қадамҳои устувор мегузарад.

## ТОҶИКИСТОН – КИШВАРИ ТАТБИҚКУНАНДАИ «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ»

Пешвои миллат дар яке аз паёмҳои худ иброз намуданд, ки Тоҷикистон яке аз кишварҳои татбиқкунандаи “иқтисодиёти сабз” махсуб ёфта, аз лиҳози истифодаи манбаъҳои энергетикӣ дар қатори шаш мамлакати пешрафтаи ҷаҳон қарор дошта, 98% барқ тавассути НБО истеҳсол карда мешавад.

Бо мақсади мусоидат ба раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аз мушкилоти таъминоти барқ раҳо гардидан Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурияти бунёди Нерӯгоҳи барқии оби Роғунро ба миён гузоштанд. Мурочиатномаи Президенти мамлакат аз ҷониби мардуми шарифи Тоҷикистон дастгирии ҳамаҷониба пайдо намуд, зеро бе рушди энергетика расидан ба ормонҳои миллӣ ғайри имкон аст. Моҳияти асосии иқдоми оқилонаи Сарвари давлат ба манфиати халқи тоҷик ва миллатҳои сокини кишвари биҳиштосои мо мебошад. Ниёзи кишвар ва мардумро ба назар гирифта, Ҳукумати мамлакат ба қароре омад, ки дар кӯтоҳтарин фурсат Роғунро бисозад.

Аммо гуфтан мумкин аст, ки мо ба истиқлолияти воқеии энергетикӣ пас аз пурра ба истифода додани кохи мухташам ва рушноиву нур, яъне НБО-и Роғун ҳохем расид. Зеро:

**Кохи нури Тоҷикистон**
**Роғун аст,**
**Манбаи ганҷи фаровон**
**Роғун аст.**

Имрӯз ҳар як пиру барнои миллат бо кадом роҳ, ки набошад, дастгири ободонии НБО-и Роғун аст. Роғун майдони заҳматҳои фаровону самарабахш, мояи ифтихору эътибори соҳибватанон, ҳастии шуҷоату мардонагӣ ва шарафмандии миллати тоҷик гаштаст.

НБО-и Роғун метавонад, яке аз омилҳои пешрафти Тоҷикистони азизамон гардад ва барои ба иқтисодиёти баланди гидроэнергетикӣ расидан мусоидат намояд. Роғун бо баландии 335 метраи худ метавонад на танҳо Тоҷикистон, инчунин минтақаҳои Покистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Афғонистон ва маҳалҳои дигари ҳамсояро бо барқи аз лиҳози экологӣ тозаи гидроэнергетикӣ таъмин намояд.

**16 ноябри соли 2018 – чархаи якум**
**9 сентябри соли 2019 – чархаи дуюм**

Маҳз хирадмандӣ, накӯкорӣ ва олиҳимматии Пешвои миллат буд, ки санаи 16-уми ноябри соли 2018 якумин чархаи ин иншооти бузурги аср бо кор андохта шуд. Пас аз як сол, яъне 9-уми сентябри соли 2019 чархаи дуюми он ба истифода дода шуд, ки барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ дар кишвар заминаи воқеиро гузошт.

**Ин дастоварди бузургро ба миллати тоҷик ва мардуми шарафманди он самимона табрик менамоем.**

**Шоҳрух САФАРОВ**
**донишҷӯи соли 4**

# ШОҲРОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ – ПАЙВАНДГАРИ ҚАЛБҲО

Шоҳроҳи бузурги абрешим яке аз аввалин роҳҳои корвонгузари аҳди қадим ва асрҳои миёна буд, ки сарзамини аҷдодии моро ба Чину Ҳинд, Мисри қадиму Бобул, Ошуру Мод, билоди Форсу Рум мепайваст. Аз ин бармеояд, ки ин роҳи корвонгард дар Шарқ аз салтанати Чин ва дар Ғарб то Рум тӯл мекашид. Дар ин шоҳроҳ аввалин бор корвон аз шаҳри Сиани Чин дар асри II п.м. ба роҳ баромада буд. Соли 121 п.м. нахустин корвони шутурҳо (аз 3 то 300 адад) бо абрешим ва оинаҳои биринҷӣ ба Фарғона тавассути Тӯрфон ва доманакӯҳҳои Тиён-Шон омада расидааст.

Бохтари қадим ва Суғди бостонӣ дар чаҳорсӯйи Шоҳроҳи бузурги абрешим қарор дошта, кофилаи корвонҳои бешумор аз растаҳои хуштарху бозорҳои ободи ин сарзамини паҳновари аҷдодони тоҷикон ҷониби Машриқу Мағриб мешитофтанд. Садои занғӯлаи корвонҳои бохтариёну суғдиён аз байни кӯҳҳои сар ба афлоки Бадахшон баланд шуда, то паҳноҳои Дашти Қазоқ, соҳилҳои Баҳри Хазар ва қаламрави Форс, аз Чину Тибет то марзҳои Ҳинду Кашмир мерасид. Корвонҳои пурбори матоъҳои абрешими давлати Чин аксаран бо шарофати савдогарони суғдиву бохтарӣ ва аспу шутурҳои хушзоти онҳо ба кишварҳои Машриқу Мағриб роҳ мекушод.

## ТОҶИКИСТОН – ДАР МАСИРИ РОҲИ АБРЕШИМ

Дар гузашта, ба сарзамини Бадахшон, Вахону Шуғнон ва дигар шаҳрҳои дуртари қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр тавассути Тибет бозоргонони Ҳинду Чин молу матои бисёре меоварданд. Бадахшон ҳазор сол аз ин пеш ватани бозоргонон, макони истихроҷи симу зар, бечода ва лоҷувард буда, бо сарзамини Тибет ва Ҳинду Кашмир додугирифт ва рафтуо доштааст. Муаррихон ва бостоншиносон чандон қатъи набошанд, ҳам аз мавҷудияти роҳи лоҷувард дар Бадахшон тахмин мекунанд, ки гӯё Роҳи бузурги абрешим дар заминаи он пайдо шуда бошад. Масалан, дар Шарқи наздик ва ҳудуди Осиёи Миёна нишонаҳои роҳи лоҷуворд дида мешавад, ки тавассути он санги булӯру лоҷуварди Бадахшонро дар ҳазораи 4-и то мелод сар карда, ба бисёр кишварҳои Осиёи Ғарбӣ мебурданд.

Тавассути Шоҳроҳи бузурги абрешим ба сарзамини аҷдодии мо на танҳо молу матоъ ва маводи рӯзгор интиқолу мубодила мегардид, балки осори тамаддуну фарҳанг ва арзишҳои маънавӣ роҳ меёфт.

Ҳудуди Тоҷикистони азиз аз қаъри таърих дар масири роҳи абрешим қарор дошт, аз ҷумла, шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Душанбе ва ғайраҳо. Имрӯз шаҳри Хуҷанд ба қатори 10 шаҳри Шоҳроҳи бузурги абрешим ворид гардидааст.

## «ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ»

Нишонаи равшани муносибати Шарқу Ғарбро аз қаъри таърих то ба имрӯз метавон «Шоҳроҳи бузурги абрешим» номид. Шоҳроҳи бузурги абрешим имрӯзҳо тавассути роҳҳои мошингард ва роҳҳои оҳан бунёд ёфтааст, ки дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ, Қафқоз, Осиёи Пеш ва Чин нақши калон мебозад. Имрӯз дар ҷодаи барқарорсозии ин шоҳроҳ консепсияи “Як камарбанд-як роҳ” ба миён омадааст. Дар айни замон ин шоҳроҳ аз Чин оғоз ёфта, то ба Олмон рафта расидааст.

Роҳи тиҷоратии лоҷувард, Шоҳроҳи бузурги абрешим ва чандин роҳҳои хурду калон дар аҳди қадиму ҷадид барои аз вартаи касодиву бӯҳронҳои шадид раҳонидани мамлакат, ба пояи баландтар расидани тамаддун ва оинҳои давлатдории мо ва ниҳоят дар ташаккулу пешрафти дастовардҳои фарҳангӣ ва арзишҳои маънавии миллати фарзонаи тоҷик хидмати воқеан таърихӣ доранд.

## ТОҶИКИСТОН – МАМЛАКАТИ ТРАНЗИТӢ

Имрӯз яке аз ҳадафҳои стратегии ҶТ, ки дар «Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030» нишон дода шудааст, ин раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдили Тоҷикистон ба мамлакати транзитӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, бе бунёди роҳҳои наву муҷаҳҳази мошингард, бе сохтану вусъат додани роҳҳои оҳан ва фурудгоҳҳои нақлиёти ҳавоии байналхалқӣ наметавон ба ин ҳадаф ноил гашт. Шукри истиқлолият ва ваҳдату ягонагӣ менамоем, ки бо бунёди роҳҳои доимии мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Чанок, Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Кулма-Қарокурум, нақбҳои мошингард, роҳҳои оҳан ва ғайраҳо, инчунин роҳ ёфтан ба роҳҳои баҳрии наздик ва дар соли 2018 кушода шудани гузаргоҳҳои сарҳадӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мо тавонистем ба ин ҳадаф ноил гардем. Ин раванд идома дорад ва мутмаинем, ки Тоҷикистон ба мамлакати транзитӣ табдил меёбад.

**Шоҳрух ЗАБИРОВ**
**донишҷӯи соли 2**

# МАСЪАЛАИ ГУРЕЗАҲО ДАР АРСАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷомеаи имрӯза ин масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои гурезаҳо ба шумор меравад. Дар ҷаҳони имрӯза рӯз аз рӯз ҷангҳои дохилию байналхалқӣ афзуда, шумораи ин қишри ҷомеа дар ҳоли рушд қарор дарад. Бо сабабҳои мухталифи дохилидавлатӣ ва байналхалқӣ гурӯҳи махсуси одамон ба миён меоянд, ки ба истилоҳ гурезаҳо ном бурда мешаванд.**

Мутобиқи моддаи 2 Қонуни ЧТ "Дар бораи гурезаҳо" гуреза – шахсе, ки шаҳрванди ЧТ набуда, дар қаламрави он қарор дорад ва бинобар сабабҳои комилан асоснок дар давлати мансубияти шаҳрвандии худ бо аломатҳои нажодӣ, этникӣ, динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё мавкеи сиёсӣ дучори таъқиб гашта, аз таъсири ин сабабҳо наметавонад ё намехоҳад аз ҳимояи он давлат истифода намояд, ё шахсе, ки шаҳрвандии муайян надошта, бинобар чунин ҳолатҳо дар ЧТ қарор дорад ва бо сабаби мавҷуд будани ҳамин гуна хавф наметавонад ё намехоҳад ба давлати истиқомати доимии худ баргардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ муайян карда шудааст, ки он ҷое ки ҷангу мунокиша ҳаст, ҳуқуқи инсон поймолу ҳаёти он пайваста зери хатар мемонад. Бо чунин назардошт, сабабҳои асосии гирифтани мақоми гуреза асосан аз пайдоиши ҷангҳо ва мунокишаҳои мусаллаҳона сарчашма мегирад. Яъне, бо сабабҳои объективию субъективӣ ҷангу мунокишаҳо ба вукуъ омада, гурӯҳи муайяни одамонро зарурат пеш меояд, ки талабгори мақоми гуреза гарданд. Пас ҷомеаи байналхалқиро зарур аст, ки дар ҳалли ин масъала тадбиру чораҳоро ҷустуҷӯ намоянд. Дарки ин масъулият буд, ки пас аз Ҷанги Якуми Ҷаҳон дар санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ истилоҳи "гуреза" пайдо шуд ва дар низоми СММ 14 декабри соли 1950 Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо таъсис ёфт ва 28 июли соли 1951 Конвенсия оид ба мақоми гуреза ва Протоколи иловагии он аз 31 январи соли 1967 қабул гашт. Инчунин, ташкилотҳои байналхалқии минтақавӣ дар ин мавзӯъ санадҳои байналхалқиро ба тавсиб расониданд ва баъзе аз кишварҳо бошанд қонунҳои алоҳида оид ба вазъи гурезаҳо қабул карданд.

Дар ЧТ намояндагии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо аз соли 1993 фаъолият намуда истодааст ва он хизмати беназирро бо ҳамдастии Ҳукумати Тоҷикистон дар баргардонидани гурезаҳо ба Ватан анҷом додааст. Инчунин дар баргардонидани гурезаҳои афғон ва интиқоли онҳо, ташвиқоту нашри маводи зарурӣ оид ба ҳуқуқи гуреза, дастгирии моддию маънавӣ, кӯмакҳои пулию молиро нисбати ҳамагуна ашхосе, ки мақоми гурезаро доранд ё шахси паноҳҷӯянда мебошанд, дар қаламрави ЧТ анҷом дода истодаанд.

Шаҳрванде, ки ҳамчун гуреза хоҳиши ба ЧТ омаданро дорад, метавонад аз ду имконият якеро истифода барад:

-дар мавриде, ки дар мамлакати худ ҳузур дорад, метавонад ба муассисаи дипломатӣ ва ё консулии ЧТ, ки дар мамлакати ҳузури ӯ мавҷуд аст, дар бораи додани мақоми гуреза дархост пешниҳод намояд.

-агар шахс аллакай ғайриқонунӣ сарҳади ЧТ-ро убур карда бошад, ба мақомоти давлатии ваколатдор оид ба гурезаҳо муроҷиат мекунад.

Ба шахсе, ки дархосташ ба қайд гирифта шудааст, шаҳодатномаи муваққатӣ дода мешавад. Шаҳодатномаи мазкур ҳуҷҷатест, ки шахсияти ин касро муайян мекунад.

Дар тӯли баррасии дархост оид ба гуреза эътироф карда ӯ ва аъзои оилааш, ба шахс чунин ҳуқуқҳо дода мешавад: гирифтани ахборот оид ба ҳуқуқ ва вазифаҳои худ, зиндагӣ дар ҷойҳои истиқоматии муваққатӣ, гирифтани ёрии тиббии фаврӣ, гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна, ҷубронпулӣ, пешниҳоди ариза дар бораи қатъ кардани баррасии дархост.

Мақомоти ваколатдор дархости шахсро баррасӣ намуда, дар бораи гуреза эътироф кардани шахс қарор қабул мекунад, ки дар асоси он ба шахси гуреза эътирофшуда шаҳодатнома дода мешавад. Шаҳодатнома ба мӯҳлати 3 сол дода шуда, дар сурати гум накардани шаҳрвандии он давлате, ки дар он ҷо шахс мавриди таъқиб қарор гирифтааст, мӯҳлати эътирофи мақоми гуреза ҳар 3 соли минбаъда тамдид карда мешавад.

Гурезаҳо ҳамчун шаҳрвандони хориҷӣ, тибқи моддаи 16-и Конститутсияи ЧТ аз ҳамон ҳуқуқу озодиҳое истифода мебаранд, ки шаҳрвандони ЧТ истифода мебаранд, онҳо вазифаю масъулиятҳои баробар доранд, ба ҷуз ҳолатҳои, ки дар қонунҳо пешбинӣ шудаанд.



Сафарбек АБДУҚАҲОРЗОДА
донишҷӯи соли 3



# ҶИНОЯТКОРӢ ДАР БАЙНИ НОБОЛИҒОН

Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз боиси нигаронии давлат ва ҷомеа гардидааст, ин инкишофи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон мебошад. Аз ин лиҳоз, давлат ва ҷомеа ба ин зуҳуроти номатлуб пайваста мубориза бурда, тадбирҳои заруриро меандешанд. Новобаста аз чораҳову тадбирҳои андешидашуда, сатҳи ин гуна ҷиноятҳо паст нагардида истодаанд.

Қисми таркибии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ноболиғон ташкил медиҳанд. Аз ҷиноятҳое, ки соли 2018 ба қайд гирифта шудаанд, аз ин шумора 4.13% онро ноболиғон содир кардаанд, аз қабили ҷиноятҳои дуздӣ, ғоратгарӣ, авбошӣ, роҳзанӣ ва ғайра.

Сабабҳои даст ба ҷиноят задани ноболиғон ин пеш аз ҳама дар муҳити носолим ба воя расидан, беназорат гузоштани онҳо аз ҷониби волидайн, ба оворагардӣ машғул шудани онҳо, дур гардидан аз машғулиятҳои дарсӣ, рӯй наовардан ба китобхонӣ, ҳамкории сусти волидайн бо муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон, худнамоишдиҳӣ дар байни ҳамсолон, гирифтани қасд, фиребтаи ҳар гуна шахсон гардидан ва ғайра мебошад.

Имрӯз бархе аз волидайн ва хусусан ноболиғон, ки онҳо мехоҳанд дар оянда тоҷир ё ба ягон навъи фаъолият, ки маълумоти олиро талаб намекунад, машғул мешаванд, аз ин сабаб рӯй аз мактабу донишгоҳ мегардонанд, ки ин саҳв аст, зеро тоҷир будан ё дигар навъи фаъолият ҳам низ ба худ донишу малакаи баландро тақозо мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва пурзӯр намудани назорат аз болои онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд.

**Оид ба паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон чунин тадбирҳоро бояд ҷораандешӣ кард.**

**- назоратро пурзӯр намудан аз болои таълиму тарбияи фарзанд;**

**- ҳамкориҳои пайвастаи волидайн бо омӯзгорон;**

**- бетараф набудани ҷомеа аз рафторҳои бади ноболиғон;**

**- зиёд намудани ҳаргуна озмуну маҳфилҳо дар муассисаҳои таълимӣ;**

**- дар дили наврасон бедор намудани шавқи китобхонӣ;**

**- тарбия намудани наврасон дар руҳияи дӯст доштани меҳани аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва эҳтироми калонсолон;**

**- пурзӯр намудани назорат ҷиҳати иҷрои меъёрҳои қонуни мазкур аз тарафи мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ.**

Омори ҷиноят ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ мо ҷавононро водор месозад, ки барои пешгирии ин зуҳурот миёни ноболиғон корҳои фаҳмондадиҳиро анҷом диҳем.



Исломҷон ЗИЁВАДДИНОВ
донишҷӯи соли 4

**Забони тоҷикӣ мероси бузурги ниёгони некноми мо бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ҳамчун риштаи пайванди насл ба насли миллат аз ҳазорсолаҳои дур то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст ва решаҳои умри миллатамонро оби ҳаётбахш додааст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**




# ЗАБОН – ҲАЁТБАХШИ МИЛЛАТ



Суҳроб АМАКИЕВ
донишҷӯи соли 2

Забон унсури асосӣ ва нишондиҳандаи фарҳангу тамаддуни миллат буда, дар рушди давлатдории миллӣ нақши муҳим мебозад. Таърихи башарият, махсусан таърихи ниёгони мо нишон медиҳад, ки давлатҳои бостонии мо ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки баҳри устувор намудани пояҳои давлатдорӣ ва ба вуҷуд овардану мустаҳкам сохтани давлатдории миллӣ ва ваҳдату ягонагӣ арзишҳои миллиро ҳифз намоянд.

Дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд, ки шоҳаншоҳии бузурги Ҳахоманишиён, ки дар арсаи таърих бо фарҳанг ва тамаддуни худ беназир аст, пеш аз ҳама, бар пояи фарҳанги асили ориёӣ бунёд шуда, забони модарии хешро дар баробари забонҳои пурқудрату маълуми он замон – эломӣ ва ошурӣ ба ҳайси забони расмӣ ва давлатӣ истифода мекард. Онҳо номи хат ва забони худро ориёӣ хондаанд. Инчунин, дудмони Кушониёни Кабир ҳам оҳиста-оҳиста аз истифодаи забони юнонӣ даст кашида, забони ориёии хешро (Канишка ҳам мисли Дориюши Кабир забони навиштаҳои худро ориёӣ хондааст) забони ягонаи давлатӣ ва расмии давлати паҳновари худ қарор додаанд.

Қобили зикр аст, ки дар катибаи Дориюши бузург дар кӯҳи Бесутун вожаи «ориёӣ» ба маънои забон дида мешавад.

Навиштаҳои Дориюши Бузург, ки имрӯз номи онро шартан забони форсии бостон гузоштаанд, ба забон ва хати ориёӣ навишта шудааст ва забони форсии бостон ва ориёӣ як забон буда, дар замони салтанати Ҳахоманишиён забони расмӣ ва меъёрии на танҳо қабилаҳои форс, балки тамоми эронитабороні ҳамон замон будааст.

Забони тоҷикӣ – забоне, ки дар Эрон форсӣ ва дар Афғонистон дарӣ номида мешавад, забони давлатии кишварҳои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон мебошад. Дар Ӯзбекистон, ҳарчанд забони тоҷикӣ забони ақаллият маҳсуб мешавад, вале дар ин кишвар зиёда аз 15 миллион нафар бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд. Имрӯзҳо порсигӯёни асил (форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ) зиёда аз 122 миллионро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо 38,6 миллион нафарашон бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд.

Бо мустаҳкам гардидани пояҳои давлатдории миллӣ бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи шарифи Тоҷикистон санаи 6-уми ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи кишварро қабул намуд, ки бевосита дар моддаи 2-и он забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ эълон карда шуд.

**Сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва амнияти комил дар Ватани азизамон шароит барои ҳимоя ва баланд бардоштани арзишҳои миллӣ ба вуҷуд овард. Билохира, 5-уми октябри соли 2009 Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ" қабул гардид, ки он аз 28 модда ва 7 боб иборат буда, мақом ва вазъи забони тоҷикиро ба таври дахлдор муайян намуд. Миллати тоҷик ҳар сол рӯзи 5-уми октябрро ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бо як шукӯҳу шаҳомати хос ҷашн мегиранд. Ва мо ҷавононро зарур аст, ки ҳамеша зираку ҳушёр ва худогоҳу худшинос буда, Ватан, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллиро муқаддас шуморем ва онро аз самими қалб дӯст дорем.**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

*ҲАКИМ ГӮЁ*

Ифтихори мову ту бошад забони модарӣ,
Аз ниёгон монда моро лафзи шевои дарӣ.

Аз қадим ойини мо, таърихи мо, фарҳанги мо,
Гаштааст ин нақши мо дар донишу донишварӣ.

Аз Душанбе то ба Кобул, то Бухорои шариф,
То ба Теҳрон мерасад бар гӯши мо лафзи дарӣ.

То замону то ҷаҳон бошад бимонӣ дар амон,
Нур пошӣ рӯйи оламро чу шеди ховарӣ.

Пос дорем мо забони хешро дар ин ҷаҳон,
То ки бошад миллати мо арҷманду бофаре.

Нест дар рӯйи ҷаҳони бекарони ҷовидон,
Чун забони тоҷикӣ ширин забони дигаре.

Мекунад аз дил таманно бар шумо, Гӯёи мо,
Бо забон гардад ҳувайдо ҷавҳари одамгарӣ.

